№2
август, 2015

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стамотология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй

# МАРВОРИД





## АКАДЕМИК МИРОҶОВ:
## ГЕПАТИТИ «С» НИЗ ТАБОБАТШАВАНДА АСТ



## ИМПЛАНТАТСИЯИ ДЕНТАЛӢ




# "МАРВОРИД" МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ - ОММАВӢ

**МУАССИС:**
Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй

**САРМУҲАРРИР:**
Маҳмадулло ҚОСИМОВ

**ҶОНИШИНИ САРМУҲАРИР:**
Авазов . Т.Ш.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Олимов .Н.Х. (муовини вазири тандурустии ҶТ)

Тоиров У.Р. (д.и.т.профессор,роҳбарии илмии ПИК стоматология ва ҶҶР)

Ҷураева Ш.Ф. (д.и.т,профессор, декани факултаи стоматологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино)

Ашӯров Г.Г. (д.и.тпрофессор, мудири кафедраи дандонпизишкии табобатии Донишгоҳи баъди дипломии кормандони соҳаи тандурустиии ҶТ)

Шокиров А.Н. (д.и.т, профессор, мудири кафедраи ҷарроҳии ҷоғу рӯйи ДТБКСТҶТ)

Субҳонов.С.С. (н.и.т, мудири кафедраи ҷарроҳии ҷоғу рӯйи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино)

Рашидов.Х. (сармутахассиси соҳаи стоматологияи Раёсати тандурустии ш.Душанбе)

Сабуров .С.К. (директори МТК "Стоматология"-и ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино)

**МУҲАРИРИ МАСЪУЛ:**
Ҳикматуллоҳи РӮҲУЛАМИН

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**
Мехрубони САЛИМШОҲ

**ТАРРОҲ:**
Ҷаҳонгири СУЛТОН

**МУСАҲЕҲ:**
Ориёнфари ҲИКМАТЗОД

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 28 ноябри соли 2014, таҳти рақами 0217\МҶ ба қайд гирифта шуда аст.

*Маҷаллаи "Марворид" на ба ҳамаи афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ маводу назарҳои мухталифро ба табъ мерасонад. Масъулияти саҳеҳии арқому санадҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон мебошад.*

*Таълифот набояд бештар аз 6 саҳифаи компютерии ҳуруфи Arial.tj ва Times New Roman Tj бошад, маводи воридшуда ва аксҳо баргардонида намешаванд.*

**МАКОНИ ЧОП:**

# Вазъи соҳаи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар ҷумҳурӣ ва дурнамои рушди он

*Муҳтавои суханронии директори Пажуҳишгоҳи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй* **Маҳмадулло Қосимов** *дар ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Соҳаи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй яке аз соҳаҳои босуръат рушдкунандаи тандурустӣ буда, Ҳукумати кишвар ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои рушди ин соҳа таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуда, ҳамеша ёрии амалии худро мерасонанд.**

• Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ 683 сохтори стоматологӣ, аз ҷумла **465 субъекти давлатӣ, 209 субъекти хусусӣ ва 9 субъекти тобеи дигар вазорату идораҳо фаъолият мекунанд.**

Аз ин шумора 89 муассисаи стоматологӣ дар шаҳри Душанбе, дар вилояти Суғд 348 субъект, дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон 62 дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 55 субъект, дар ВМКБ 11 субъект, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 118 фаъолият менамоянд.

Феълан дар ҷумҳурӣ 1379 табибони стоматолог, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе - 476 нафар, дар вилояти Хатлон – 285 нафар, дар вилоятиСуғд – 378 нафар, дар ВМКБ – 22 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 218 нафар табибони стоматолог фаъолият менамоянд. Иқтидори илмии соҳаи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯйро 7 – нафар доктори илми тиб ва 32 нафар номзади илми тиб ташкил медиҳад.

• Мусаллам аст, ки рушди соҳаҳои гуногуни тандурустӣ, аз ҷумла стоматология бидуни мавҷудияти кадрҳои баландихтисос ғайриимкон аст. Яке аз мушкилии асосии соҳаи стоматология норасоии мутахассисони соҳибтахассус мебошад.

Имрӯз дар маҷмӯъ таъминотнокӣ бо мутахассисон 1,6 ба 10 000 аҳолиро ташкил менамояд. Ин шумора дар шаҳри Душанбе ба 6,1, дар вилояти Хатлон ба 0,8, дар вилояти Суғд ба 1,6, дар ВМКБ ба 1,0 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 0,8 баробар мебошад.

Тавре маълум аст ин ҳолат дар шаҳри Душанбе ва марказҳои маъмурии вилоятҳои кишвар то андозае танзим ёфтааст, аммо дар аксар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, ба хусус минтақаҳои дурдаст ин масъала мавриди нигаронӣ боқӣ мемонад.

Махсусан дар ноҳияҳои Ҷиргатол (0,4), Ҳисор (0,5), Нуробод (0,7), Бобоҷон Ғафуров (0,7), Зафаробод (0,7), Taбошар (0,4), Кӯҳистони Мастчоҳ (0,0), Қубодиён (0,3), Шаҳритус (0,5), Қумсангир (0,6), Восеъ (0,6), Мӯъминобод (0,6), Темурмалик (0,5), Балҷувон (0,4), Ховалинг (0,4), Сарбанд (0,5), Носири Хисрав (0,6), Шуғнон (0,0), Роштқалъа (0,0), Дарвоз (0,5), Ишкошим (0,4) вазъияти таъминнокӣ бо мутахассисон ташвишовар мебошад.

• Нуктаи дар самти мазкур мавриди таваҷҷӯҳ ин аст, ки дар сатҳи шаҳри Душанбе ва марказҳои маъмурии вилоятҳо дар баробари мавҷуд будани марказҳои соҳавии стоматология дар ҳайати марказҳои саломатии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа ва дигар муассисаҳои тиббии ғайристоматологии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ шумораи зиёди стоматологҳо фаъолият мекунанд. Самаранокии фаъолиятии стоматологони дар ин муассисаҳо фаъолият доштаро бо иҷрои нокифоя ва ғайриқаноатбахши нақшабандии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 маънидод кардан мумкин аст.

Фаъолияти баъзе субъектони стоматологияи хусусӣ низ дар доираи шарту талаботҳои муқаррарнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дуруст роҳандозӣ нагардидааст. Дар биноҳои аз лиҳози масоҳат нокифоя фаъолият намудани як ё якчанд нафар стоматологон ё ин ки дар асоси иҷозатномаи Вазорат барои як нафар фаъолият намудани ду ва ё бештар стоматологони амалияи хусусӣ далели гуфтаҳои болост.

• Масъалаи дигаре, ки мавриди зикр аст, ин саривақт ба такмили ихтисос фаро гирифта нашудани табибони стоматолог мебошад. Сатҳи дараҷанокии табибони стоматолог дар шаҳри Душанбе 93%, дар вилояти Хатлон 55,8%, дар вилояти Сугд 55,0%, дар ВМКБ 28,6% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 44,5%-ро ташкил менамояд. Мутаассифона, заминаи моддию техникии пойгоҳи таълимии такмили ихтисоси стоматологон низ нигаронкунанда аст. Яке аз сабабҳои саривақт дар даврҳои такмили ихтисос фаро гирифта нашудани стоматологон аксаран набудани назорати лозима аз тарафи мутасаддиёни муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусии соҳаи стоматология мебошад. Аз он ҷумла, агар такмили ихтисос дар субъектони фаъолияти хусусии тиббӣ, ки бо роҳи ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ (ҶДММ) фаъолият мекунанд, то андозае хубтар ба роҳ монда шуда бошад, пас дар табибони амалияи хусусӣ, яъне шахсо-

ни воқеӣ ин масъала ба таври зарурӣ роҳандозӣ нашудааст. Инчунин дар муассисаҳои хусусии стоматологӣ дарҳол пас аз хатми Донишгоҳ фаъолият намудани мутахассисони ҷавон ва бидуни бозомӯзии аввалияи тахассусӣ ба ҳамаи самтҳои стоматология (стоматологияи муолиҷавӣ, кӯдакона, ҷарроҳӣ ва ортопедӣ) машғул шудани онҳо мавриди андеша ва нигаронӣ аст.

- Норасоии мутахассисони соҳавӣ, аз ҷумла стоматологони ҷарроҳ ба сатҳу сифати хизматрасонии тиббии стоматологӣ ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар норасоии мутахассисони соҳавӣ, яъне ҷарроҳии стоматологии дармонгоҳӣ, стоматологияи кӯдакона ва дандонсозӣ дар аксар ҳолатҳо кандан, табобат ва гузоштани дандонҳо аз тарафи як мутахассис анҷом дода мешавад, ё ин ки хидматрасонии стоматологӣ ба кӯдакон аз тарафи стоматологони калонсолон сурат мегирад.

Дар натиҷа, беморон бо оризаҳои дараҷаи гуногун ба дигар муассисаҳои стоматологии сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ муроҷиат мекунанд, ки ин омил сабабгори афзудани хароҷоти беморон ва ҳам дарду нороҳатии зиёдатии онҳо мегардад.

- Омили дигари муҳими фаъолияти соҳа таъминнокӣ бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ, аз ҷумла дастгоҳҳои стоматологӣ, ташхисӣ ва тамйизу безараргардонӣ мебошад. Агар ҳолати таъминнокӣ бо дастгоҳҳои мазкур дар шаҳри Душанбе дар сатҳи зарурӣ қарор дошта бошад, пас ин ҳолат дар дигар минтақаҳои кишвар мавриди нигаронӣ боқӣ мемонад. Масалан дар вилояти Хатлон ба 117 муассисаи стоматологӣ 11 адад дастгоҳи безаргардонии буғӣ, 26 адад дастгоҳи тамйизгардонӣ, 59 адад дастгоҳи муосири стоматологӣ, 25 адад дастгоҳи кӯҳнаи стоматологӣ ва 18 адад дастгоҳи рентгенӣ рост меояд. Дар вилояти Суғд ба 348 субъекти стоматологӣ 47 адад дастгоҳи безаргардонии буғӣ, 76 адад дастгоҳи тамйизгардонӣ, 109 адад дастгоҳи муосири стоматологӣ, 72 адад дастгоҳи кӯҳнаи стоматологӣ ва 12 адад дастгоҳи рентгенӣ, дар ВМКБ ба 11 муассисаи стоматологӣ ягон адад дастгоҳи безаргардонии буғӣ, 10 адад дастгоҳи тамйизгардонӣ, 2 адад дастгоҳи муосири стоматологӣ, 6 адад дастгоҳи кӯҳнаи стоматологӣ ва ягон адад дастгоҳи рентгенӣ, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 118 муассисаи стоматологӣ 20 адад дастгоҳи безаргардонии буғӣ, 101 адад дастгоҳи тамйизгардонӣ, 109 адад дастгоҳи муосири стоматологӣ, 47 адад дастгоҳи кӯҳнаи стоматологӣ ва 5 адад дастгоҳи рентгенӣ рост меояд.

Инчунин баъзе муассисаҳои стоматологии шаҳру ноҳияҳои мамлакат дар фасли зимистон бо хатти барқи тоза таъмин набуда, ҳамзамон таъминоти онҳо бо хатти об низ қонеъкунанда нест.

Мушкилоти зикршуда, яъне норасоии мутахассисон ва дараҷаи пасти тахассусии онҳо, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҷудо нагардидани маблағҳои мақсаднок барои таҷдиди пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои стоматологӣ, дар ҳолати фарсуда қарор доштани дастгоҳҳои зарурии соҳавӣ, дар самтҳои гуногуни стоматология фаъолият кардани мутахассиси як бахши соҳа, риоя нагардидани қоидаҳои беҳдоштию вогирӣ дар муассисаҳои соҳа дар маҷмӯъ сабабгори паст гардидани сатҳи кори табибони стоматолог ва ҷарроҳони ҷоғу рӯй, ба вуҷуд омадани оризаҳое, ки эҳтимолияти пешгирии онҳо мавҷуд буд, саргардонӣ ва хароҷоти иловагии беморон, инчунин норизоии онҳо аз мутахассисони соҳа гардидааст.

- Яке аз бахшҳои муҳими стоматология ҷарроҳии ҷоғу рӯй мебошад. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй ва Маркази миллии тиббӣ аз ҷониби мутахассисони ин муассисаҳо ва доктороени илми тиб, номзадҳои илми тиб ва устодони муассисаҳои олии таълимии соҳа, ҷарроҳии нақшавӣ ва фаврии ҷоғу рӯй анҷом дода мешавад. Қисми зиёди беморонро кӯдакон ва наврасон бо нуқси модарзодии лабу ком, инчунин нафарони гирифтори бемории дандон, ки дер ва бо ориза муроҷиат мекунанд ва бемороне, ки пас аз табобати нодуруст аз тарафи стоматологони ғайрисоҳавӣ гирифтори оризаҳо мешаванд, ташкил медиҳад.

Фаъолияти сохторҳои ҷумҳуриявии ҷарроҳии ҷоғу рӯй ва сохтори алоқаманд дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дар маҷмӯъ қаноатбахш мебошад. Имрӯзҳо ба ин муассисаҳои тиббӣ аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ниёзмандон муроҷиат намуда, бо табобати босифат фаро гирифта мешаванд. Вале пас аз рухсат шудан аз муассисаҳои мазкур, бинобар норасоии мутахассисон дар ҷои истиқомати худ давраи барқарорсозиро гирифта наметавонанд. Онҳо бо хароҷоти зиёд ба шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд барои машварат ва ё барқарорсозӣ сафар менамоянд.

Дар вилояти Суғд иктидори хадамоти ҷарроҳии ҷоғу рӯйро 48 кат, аз ҷумла шӯъбаи махсусгардонидашуда дар назди Беморхонаи вилоятии шаҳри Хуҷанд (30 кат), катҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар ҳайати шӯъбаҳои алоқаманди Беморхонаи марказии шаҳри Исфара (10 кат), Беморхонаи марказии ноҳияи Ашт (5 кат) ва Беморхонаи марказии ноҳияи Б.Ғафуров (3 кат) ташкил медиҳад. Фаъолияти сохторҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар ш.Исфара, ноҳияҳои Б.Ғафуров ва Ашт беҳбудиро тақозо мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки дар вилояти Хатлон, дар маҷмӯъ 38 кати ҷарроҳии ҷоғу рӯй, аз ҷумла шӯъбаи махсусгардонидашуда дар назди Маркази стоматологии ноҳияи Ҷ.Румӣ

бо иқтидори 20 кат, катҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар ҳайати шӯъбаҳои ҷарроҳии Беморхонаи вилоятии шаҳри Қӯрғонтеппа (5 кат), Беморхонаи вилоятии №2 шаҳри Кӯлоб (8 кат) ва Беморхонаи марказии ноҳияи Фархор (5 кат) мавҷуд мебошад. Дар вилоят ҳамагӣ 4 нафар мутахассиси ҷарроҳи ҷоғу рӯй – 2 нафар дар шаҳри Қӯрғонтеппа, 1 нафарӣ дар ноҳияҳои Фархор ва Ҷ.Румӣ фаъолият менамоянд. Мутаассифона, фаъолияти сохторҳои мазкур дар вилояти Хатлон дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нашудааст.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон умуман ягон кати ҷарроҳии ҷоғу рӯй мавҷуд набуда, мутахассиси ҷарроҳии ҷоғу рӯй умуман фаъолият надошта, беморон барои ташхису табобат ба шаҳри Душанбе меоянд.

• Яке аз масъалаи доғи рӯз, ки боиси ташвиши роҳбарияти Вазорат ва кормандони соҳа гардидааст ин чун манбаи сирояти ҳепатити «В» ва «С» эътироф шудани стоматологон мебошад, ки албатта ин нуқтаи назар боиси коҳиш ёфтани эътибори касбии мо гардидааст. Қисми назарраси гирифторони бемории ҳепатит сабаби сироятёбии худро ба ташриф овардан ба назди стоматологон алоқаманд медонанд.

Риоя гардидани муқаррароти фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 27 декабри соли 2014, №1119 "Дар бораи пурзӯр намудани чораҳо оид ба пешгирии сирояти дохилибеморхонавӣ дар муассисаҳои тандурустии ҶТ" дар аксар субъектҳои соҳаи стоматология дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад. Аз ҷумла дуруст нагузаронидани тамйизгардонии асбобу лавозимоти тиббӣ, истифода аз дастгоҳҳои баркии хушктамйизгардонии кӯҳнаю фарсуда ва бе ҳароратсанҷ, сатҳи пасти дониши беҳдоштию вогирии ҳам табибон ва ҳам ҳамшираҳои тиббии стоматолог, мувофиқа нашудани нақшаи чорабиниҳои пешгирии сирояти дохилибеморхонавӣ бо хадамоти беҳдоштӣ мавриди нигаронӣ боқӣ мемонад.

• Боиси таассуф, ки фаъолияти баъзе муассисаҳои стоматологӣ то ба ҳадде ғайриқаноатбахш аст, ки аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ зимни санҷишҳои нақшавӣ ва дар раванди таҳлили соҳа ҷиҳати омода намудани мавод барои ҷаласаи имрӯза боздошт ва нафарони ба хатогиҳо роҳдода дар асоси протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима карда шуданд, ки қисмати зиёди онҳо ба вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Мусаллам аст, ки пешгирии беморӣ аз табобати он осонтар ва арзонтар аст. Бинобар сабаби он ки сохтори стоматологии дар замони Шӯравӣ мавҷуд буда, тағйир ёфт, яъне субъектони фаъолияти хусусии стоматологӣ пайдо шуданд, ки фаъолияти худро танҳо дар асоси музднок ба роҳ мондаанд, имрӯзҳо фаъолияти пешгирии (профилактикии) хадамоти стоматологӣ коҳиш ёфт. Муассисаҳои давлатии стоматологӣ наметавонанд ба танҳоӣ фаъолияти пешгирикунандаро анҷом диҳанд.

• Феълан дар соҳаи тандурустии мамлакат ҳуҷҷатҳои бунёдӣ дар самти ташхис ва табобати бемориҳои гуногун амал мекунанд. Татбиқи баъзе барномаҳо ба соҳаи стоматология ва ҷоғу рӯй пайвастагии бевосита дорад. Аз ҷумла стоматологҳои кишвар метавонанд дар расидан ба ҳадафҳои ниҳоии барномаҳои миллӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои касбӣ, пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои саратон ва узвҳои ҳозима, нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатии модарон нақши созгор дошта бошанд.

Яке аз роҳҳои самарабахши ҷамъоварии иттилооти зарурӣ ва ҳамзамон пешгирӣ намудани бемориҳои стоматологӣ, ин анҷом додани тадбирҳои беҳдошти (санатсияи) ковокии даҳон дар байни кӯдакон ва наврасон мебошад. Бо ин мақсад, феълан дар Пажӯҳишгоҳ дар асоси дастури роҳбарияти Вазорат лоиҳаи фармоиши муштараки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати маориф ва илм «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани пешгирии бемориҳои стоматологӣ дар байни таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ» таҳия гардида истода, мӯҳлатҳои наздик ба баррасии вазоратҳои зикршуда пешниҳод хоҳад гардид.

• Ҳамзамон, аз ҷониби мутахассисони Пажӯҳишгоҳ бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии ниёзманд «Дастури методӣ оид ба нигоҳубин ва расонидани ёрии тиббӣ ба кӯдакони дорои роғи модарзодии лаби боло ва ком» таҳия гардида, бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 2014, №432 тасдиқ карда шуд. Бо фармоиши мазкур ин Дастур барои амалисозӣ ба роҳбарони муассисаҳои таълимии тиббии кишвар ва муассисаҳои шифоию пешгирии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ пешниҳод карда шуд.

Боварӣ дорам, ки дар натиҷаи ҷаласаи имрӯза ва қабули қарори алоқаманди ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазъи хизматрасонии стоматологӣ ба аҳолии мамлакат, заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа ва пойгоҳҳои моддию техникии муассисаҳои стоматологӣ тадриҷан беҳтар карда мешаванд ва дар раванди таҳияи механизми фаъол намудани чорабиниҳои пешгирикунандаи бемориҳои стоматологӣ саҳми арзанда мегузорад.

# ДАСТОВАРДҲО НАЗАРРАСАНД!



**Саидшарифова Элзара - мудири шӯъбаи муолиҷавии ПИК стоматология ва ҶҶР**

**-Муҳтарама Элзара Мухтаровна, соли 2014 дар шуъбаи муолиҷавӣ тарзи наверо ба роҳ монда буданд, то чӣ андоза муваффақ шудед?**

-Дар ҳақиқат соҳаи тиб ҳар рӯзу ҳар соат ба пешрафту муваффақиятҳои нав ба нав ноил мегардад. Яке аз ин усулҳо усули нави шинагузорӣ бо истифода аз лентаҳои керамикӣ ва пуркардҳои бо нурсахтшаванда мебошад. Чунин техникаи шинагузории“GlasSpak”- ро духтури шуъба Саидшарипова Ш. С истифода бурданд, мутаассифона, чун ин тарзи шинагузорӣ хароҷоти нисбатан зиёдтар дорад ва дар шароити имрӯза ин хароҷотро пӯшонда наметавонад, дар шуъбаи мо аз он даст кашиданд. Ин аст, ки духтурони мо бо усули нави аксбардории визиограф кор мекунанд, ки ин ҳам барои табибон ва ҳам барои беморон хеле хуб аст, дар баробари ин вақти зиёдро намегирад. Ногуфта намонад, ки кормандони мо Хайруллоев М, Алиев А, Исоева Б, Юсупов Х, Ҳақназаров Ш.

Фаъолияти хуби касбӣ нишон дода, барои хизматрасонии хуб ба мизоҷон кӯшиши зиёде ба харҷ медиҳанд. Хизматрасонӣ ҳам мол аст ва чуноне ки мегӯянд, моли хуб он вақт харидор меёбад, ки сифати хуб дошта бошад, ҳар қадар мо хизматрасонии хубтар ба мизоҷон расонда тавонем, ҳамон қадар бештар ба мо муроҷиат хоҳанд кард. Нисбати фаъолияти хуби кормандони шуъба мисолҳои зиёд овардан мумкин аст, масалан Хайруллоев М дар самти реставратсияи дандонҳо ва эндодонтия таҷрибаи хеле бой дорад,ки дигарон метавонанд ин таҷрибаро истифода баранд.

**-Хуб, “герметизирующий эмал ликвид”-чи гуна амали тиббӣ аст ?**

-Герметизирующий эмал ликвид- барои пешгирии баланд шудани ҳиссиёти дандонҳо ба монанди ташхиси нуқсони секунҷа, карахт шудани бофтаи сахти дандонҳо, баландшави ҳиссиётнокии эмал пас аз сафедкунии дандонҳо гузаронида мешавад.

**- Айни замон дар шуъба чанд нафар фаъолият доранд?**

- Дар шуъбаи муолиҷавӣ 16 нафар табиб-стоматолог, 5 нафар ҳамшираи тиббӣ ва 5 нафар ходими хурди тиббӣ фаъолият доранд. Дар соли 2014 6 нафар духтури шуъба дар курсҳои такмили ихтисос фаъолона ширкат намуда, ҳуҷҷатҳои худро барои гирифтани дараҷаи тахассусӣ пешниҳод намудаанд. Ҳамзамон духтурони шуъба барои он ки аз таҷрибаи эшон дигарон низ бахравар шаванд, соли 2014 таҳти муаллифии панҷ нафар ба маҷмуъаи дастаҷамъӣ, ки бахшида ба Конфронси ҷумҳуриявӣ, ки 1 августи соли 2014 дар Хуҷанд интишор гардида буд, пешниҳод намуданд.

**- Боз кадом намуди бемориҳо дар шуъба табобат меёбанд?**

- Аз моҳи декабри соли 2014 дар шуъба муолиҷаи бемориҳои пародонтологӣ ва табобати бемориҳои пардаи луобии даҳон бо усули нав ба роҳ монда шуд. Ҳангоми табобати бемориҳои пародонтологӣ тадкиқоти умумӣ ва тадкиқоти ҷузъӣ пас аз таҳлили лабораторӣ гузаронида мешавад. Таҳлили умумии хун, ахлот, пешоб ва таҳлили биохимиявии хун низ гузаронида мешавад. Чунин беморонро баъд аз нишондодҳои усули тадқиқи иловагӣ ба назди мутахассисон равон карда, онҳоро ба қайди диспансерӣ мегиранд.

**- Албатта натиҷаҳои соли 2015 ҳоло ҷамъбаст нашудаанд, аз ин хотир мехостем бифаҳмем, ки дар соли 2014 ба чӣ қадар бемор хизмат расонда шудааст?**

- Рақамҳо гувоҳи онанд, ки дар соли 2014 фаъолияти шуъба хуб буд.Дар ин сол 5880 нафар ба мо муроҷиат намудаанд, ки маблағи 297106.00 ташкил медиҳад. Умуман, мо ба ин қонеъ нестем ва барои хубтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ният дорем, ки имсол бо тарзи нави муайянкунии ғафсии устухон (Денситометрия) фаъолият намоем. Ҳамчунин ният дорем, ки бештар семинарҳо ташкил намуда, аз таҷрибаи дигарон бахравар шавем ва таҷрибаи худро омӯзонем.

**Суҳбаторо: Ориёнфар**

# САФАРИ ЭРОН БО НАТИҶА ВА БОСАМАР АНҶОМ ЁФТ

Бо дастгирии бевоситаи Вазорати Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳалии Тоҷикистон барои баланд бардоштани тахассуси корӣ ва пайдо намудани малака шаш нафар мутахасиссони соҳаи стоматологияи кишвар санаи 4- уми феврал то 12 ум аз донишкада ва марказҳои илмиву табобатии Ҷумҳурии исломии Эрон дидан карданд. Табодули таҷриба , гуфтушуниди илмӣ, тавофуқи шартномаҳои ҳамкорӣ натиҷаи ин сафар арзёбӣ мешавад. Ёдовар мешавем, ки ҳамингуна сафари корӣ бо иштироки се нафар мутахассиси соҳа моҳе қабл низ роҳандозӣ шуда буд.

Дар сӯҳбати кӯтоҳе, ки бо Маҳмадулло Қосимов директории Пажуҳишгоҳи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй доштем, мавсуф қайд намуд, ки ҳадафи ин сафарҳо омӯхтану баҳра бардоштан аз навгониҳои илму техника ва табодули назару баҳрабардорӣ аз дастовардҳои ҳамдигар мебошад. «Мо аз бисёр дармонгоҳҳои дандонпизишкии ин кишвари дӯсту ҳамҷавор дидан кардем, омӯзиш гирифтем, дар конфронсу семинарҳо иштирок ва суханронӣ намудем. Дар мавзӯъҳои гуногуни соҳаи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй табодули назар ва гуфташуниди мутақобилан судманд доштем. Аз таҷриба ва пешрафту рушди соҳа дар Эрон хабардор ва шинос шудем ва акнун вазифаи худ медонем, ки ҳамин таҷриба ва омӯхтаҳои худро ба дигарон бирасонем. Мо омода ҳастем бо тамоми мутахасиссони соҳа вохӯриҳо ташкил намуда, онҷӣ худ омӯхтему аз худ кардем ва инак аз он босамар истфода мебарем, ба дигарон низ омӯзонему ёд диҳем.Эрон воқеан кишвари пешрафта ва дорои мутахассисони баланддараҷа дар соҳаи тиб мебошад ва ин нуктаро ҳатто намояндагони кишварҳои аврупоӣ низ зикр мекунанд ва қоил меоянд!» Мо омодаем дар бинои худи Пажӯҳишгоҳ курсҳои махсуси баланд бардоштани тахассус ва тарзу усули боло бурдани сатҳу сифати хидматрасониро омӯзиш диҳем- хулоса намуд ҳамсӯҳбатамон.

**Омода кард: Ҳикматуллоҳ**

# ШУЪБАИ НАВ КУШОДА ШУД!

Бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҳолии ҷумҳурии Тоҷикистон дар ошёнаи якуми бинои ПИК стамотология в ҶҶР утоқи озмоишӣ ташкил карда шуд. Дар утоқ як нафар духтуртаҳлилгар фаъолият бурда, тестҳои фаврӣ оид ба муайян намудани вируси Гепатити С в вируси ВНМО ро мегузаронад. Фаъолияти ин утоқ барои бартараф намудани даъвоҳои гирифтор шудан ба бемориҳои сироятӣ ҳангоми муолиҷаи дандонро комилан бартараф намуда, бахри пешгирии ин гуна беморихо заминаҳои муфид ва босамар мегузорад.



Мавриди зикр аст аз вақти ташкил шудани озмоишгоҳ то охири моҳи майи соли ҷорӣ 613 нафар озмоиши сариваќтӣ ва фавриро дар ин утоқ амалӣ намуданд.

# НИКОҲИ ХЕШУ ТАБОРӢ,

## яке аз омилҳои нуқсонҳои модарзодии лабу ком



**Мирзоев - мудири шӯъбаи муолиҷавии ПИК стоматология ва ҶҶР**

Чӣ тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, ҳар оила то тавлиди тифл дар ҳолати ҳаяҷон қарор доранд, зеро эҳсоси шодмонии интизори тифл дар ҳар хонадон метавонад, дар як лаҳза бо тавлиди тифли нуқсондор ба ғамгинӣ ва нокомиҳо оварда расонад. Дар байни нуқсонҳои модарзодии кӯдакони навтавлидшуда, ки боиси нооримиҳои оилаҳо, хусусан оилаҳои нав мегардад, ин ноқисии роғи модарзодии лаби боло ва ком мебошад. Чунин норасоиҳоро ҳангоми тавлиди кӯдак дар оила аксаран оилаҳои ҷавон намеписанданд, ки боиси хиҷолатмандии падару модарон ва хешу таборон мегардад ва то ҷое мерасад, ки оилаҳо аз ҳам ҷудо мегарданд.

Агар мо рӯй ба натиҷаҳои омории соҳаи пешинаи тандурустии кишварамон назар андозем, мебинем, ки ин гуна нуқсонҳои модарзодӣ солҳои қаблӣ кам ба назар мерасиданд. Аз ин рӯ, вақте ки чунин ҳолат ба вуқӯъ мепайвандад, аз ҷониби падару модарон суолҳои зиёде нисбати сабабҳои пайдоиши ин нуқсонҳо ба вуҷуд меоянд:

**- Кадом омилҳо сабаб гардиданд, то чунин нуқсон падид омад?**

**- Оё кӯдаки мо солим аст?**

**- Чӣ гуна ба ин гуна кӯдакон ёрӣ расонидан лозим аст ва ғайраҳо.**

Бинобар ин гуфтан ҷоиз аст, ки омилҳо ва ё сабабҳои пайдоиши нуқсонҳои модарзодӣ зиёданд, ҳангоми пурсиши волидайне, ки дар оилаи онҳо чунин тифл ба дунё омадааст маълум мегардад, дар давраҳои се моҳи аввали ҳомиладорӣ модар ба ягон бемориҳои сироятӣ ё вирусологӣ (Грипп -зукком) гирифтор шудааст ва табобати саривақтии мутахассисонро нагузаронида ба худмуолиҷа машғул мешаванд ё ин ки ҳангоми кори хона осеб мегиранд, ё осеби психологӣ гирифтаанд



ва ё ин ки дар байни онҳо никоҳи хешу таборӣ вуҷуд дорад.

Ногуфта намонад, ки аз байни ин омилҳои дар боло зикршуда дар Ҷумҳурии мо никоҳи хешу таборӣ дар ҷои намоён мебошад. Аз рӯи таърихи беморӣ ҳангоми пурсиши модарон ва ё волидайн маълум мегардад, ки никоҳи хешу табории бисёр ҳам зич ба монанди духтари хола ва ё писари хола бисёр дар назар мерасад. Бинобар ин дар байни хешу таборӣ нобаҳангомиҳо ба миён меояд ва сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон ва хешу таборон мегардад.

Чӣ хеле, ки ба ҳамаи мо маълум аст, ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромади худашон, аз он ҷумла дар пайёми соли ҷорӣ нисбати ин масъала возеҳу равшан гуфта гузаштанд ва падару модаронро водор сохтанд, ки пеш аз он, ки ҷавонон бо ҳам издивоҷ кунанд, бояд ки аз назорати мутахассисони даркорӣ гузаранд, то ин ки зиндагии ояндаи худашонро зери маломату хиҷолат намонанд.

**Мо мутахассиони соҳаи тиб, аз он ҷумла соҳаи ҷарроҳии ҷоғу рӯй, низ ба гуфтаҳои ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳ шуда ба падару модарон ва ҷавонон таъкид менамоем, ки пеш аз хонадоршавӣ (бигузор хешу табор бошанд ҳам) бояд ҳатман аз муоина ва машварати мутахассисони даркорӣ гузаранд ва бо ин восита як қадар бошад ҳам дар ҷомеаи имрӯзаи мо пеши роҳи вайроншавии оилаҳои ҷавон ва тавлиди тифлони нуқсондорро гирифта шавад.**

**«Марворид»**

# 80% аҳолии кураи замин ба кадом беморӣ гирифторанд?



Шомуродова Б.С.-
табиб-стоматолог

Яке аз бемориҳое,ки баъд аз кариес зиёд ба назар мерасад,ин бемории пародонт мебошад. Аз рӯи нишондоди Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ 80% аҳолии кураи замин ба ин беморӣ гирифторанд.

Солҳои охир дар табобати ин беморӣ маводҳои доруворӣ зиддимикробиро бомуваффақият истифода мебаранд, аз он ҷумла антибиотикҳо.

Дар вақти истифодаи дурусти ин маводи доруворӣ онҳо зуд илтиҳоби милкҳои дандонро мегиранд, лекин бояд гуфт, ки истифодаи антибиотикҳо камбудиҳои зиёд низ доранд: иммунитетро паст мекунад, ба дисбактериоз ва аллергияи организм оварда мерасонад, ҳассоснокии микрофлораҳои патогениро ва муқовиматро паст мекунад, ба вайроншавии ҳозима, микроби осенози ковокии даҳон оварда мерасонад, инчунин ба вайроншавии реаксияҳои мубодила ва аз навбарқароркунии оксидкунандаи ковокии даҳон мусоидат мекунад.



**Табобати пародонт се марҳаларо дар бар мегирад:**

**1.Этиопатогенӣ, яъне бартараф кардани микрофлораи патогенӣ (тоза кардани сангҳо ва лоя ё инки ғуборпардаи дандонҳо, бартараф кардани сабабҳои захмдоркунандаи милкҳо ва пардаи луобии ковокии даҳон, маводҳои антисептикӣ-хлоргексиддин, йодинол; антибиотик).**

**2.Зидди илтиҳобӣ (маводҳои зиддиилтиҳобӣ-бутадион,антикоагулянтҳо-гепарин, гормонҳо- гиоксидон, преднизолон, ферментҳо - трипсин, химотрипсин).**

**3.Барқарорсозии бофтаҳои пародонт (витаминҳо-С,А,Е,стимуляторҳо-алоэ,стекловидноетело,микроэлементҳо-фтор, калсий, синк, намудҳои физиотерапияи махсуси стоматологӣ).**

Ба табобати маводҳои доруворӣ фитотерапияро низ илова мекунем.

Ҳангоми ҷузъӣ истифода бурдани доруҳои зиддиилтиҳобӣ дар намуди элексирҳо, маҳлули растаниҳо ва марҳам таъсири кӯтоҳмуддат доранд ва бо оби даҳон шуста мешаванд.



Солҳои охир дар фитотерапия истифодаи технологияи ҳозиразамон муш килиҳои дар боло зикршударо ҳал кардаанд. Яке аз ин хел маводи доруворӣ пластинаи ЦМ-1 мебошад, ки дар мамлакати мо дар амалия бо муваффақият мутахассисони Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй ҷорӣ кардаанд.

Афзалияти мавод дар он аст,ки комилан безарар аст, чунки 100% аз растаниҳо

Бо роҳи коркарди махсус ба даст меояд.Дорои таъсири хуби зидди микробӣ ва илтиҳобӣ мебошад. Дар фарқият аз дигар препаратҳое,ки ҷузъӣ онҳоро истифода мебаранд, он таъсири дарозмуддат дорад, дар истифода қулай ва эстетикист. Истифодаи дуруст ва дар вақташ таҳти назорати духтур дар муддати 5-7 рӯз протсесси газакро барҳам медиҳад. Маълумоти муфассалро аз табибони Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй гирифтан мумкин.

*Марворид*

# Ӯ ошиқи касби худ аст

**Додарҷон Хушвахтов** дандонпизишк ва табиб стоматолог, муовини сардухтури Дармонгоҳи стаматологи;№2-и шаҳри Душанбе, воқеъан инсони шарифу аҷибест. Ӯро метавон бе ҳеҷ муболиға ошиқи касбаш номид. Воқеан агар ҳама мисли Додарҷон Хушвахтов касби худро дӯст медоштанд шояд зиндагӣ маҷрои дигаре мегирифт. Ин марди наҷиб ҳанӯз аз овони ҷавони орзӯи табиби дандон шуданро дар дил мепарварид. Худи ӯ мегӯяд, ки дар зодгоҳ ва деҳоти атроф ҳанӯз дар овони мактабхониам мушоҳида мекарда, ки мардум аз камчинии табибон ва бахусус табибони бемориҳои ковокии даҳон сахт азият мекашиданд.

Маҳз мушоҳидаи ин вазъи сангини мардум Додарҷонро пас аз хатми мактаби миёна дар соли 1979 ба омӯзишгоҳи тиббии пойтахт оварда ва ӯ донишҷӯи ин омӯзишгоҳ гардид. Акаи Додарҷон омӯзишгоҳи тиббиро бо муввафақият ба поён расонид ва ҳуҷҷатҳои худро барои идомаи таҳсил дар ҷоддаи пизишкӣ ба Донишкадаи тиббии Тоҷикистон месупорад. Он замон Донишкадаи тиббии Тоҷикистон, яке аз беҳтарин макотибии олии тиббӣ дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Таҳсил дар ин даргоҳи илм ҳам ифтихор буд ва ҳам масъулияту дониши фаровонеро тақозо мекард. Аммо акаи Додарҷон тасмими худро ҳанӯз аз деҳаашон гирифта буд ва ҳеҷ тардиде надошт. Ӯ соли 1985 донишҷӯи Донишкадаи тиббӣ гардид. Худи акаи Додарҷон рӯзи мандаташро (рӯзе ки рӯйхати донишҷӯёнро эълон мекунанд) бо лабханд ёдовар мешавад: Шуморо бо се баҳои 5 - у як



баҳои 4 ба гурӯҳи донишҷӯёни факултаи муолиҷавӣ шомил кардем, табрик, - гуфт сардори ҳайати ҳакамон.

Он замон таҳсил дар факултаи муолиҷавӣ аз ҳама ифтихоровар буд. Ба ин факулта донишҷӯёни беҳтарин шомил мегардиданд. Аммо ғайри чашмдошти ҳама Додарҷон иброз намуд, ки мехоҳад духтури дандон шавад. Аз ин суханони ман- мегӯяд Додарҷон, ҳамаи ҳайъати ҳакамон дар ҳайрат монданд. Раиси ҳакамон ба ман гуфт: Як фикр кун писарам мабодо пушаймон нашавӣ , ки дер шавад. Аммо Додарҷон дар сар фикри пушаймони надошт. Ӯ, ки ба ин касб ба таъбире ошиқ шуда буд ва аз солҳои мактабхониаш онро интихоб намуда буд, акнун ба мақсадаш расид. Додарҷон Хушвахтов дар хониши худ шавқу завқи беандоза дошт ва бо тамоми вуҷудаш рағбаташро ба касби интихобнамудааш нишон медод. Ин шавқ ва рағбати донишҷӯ аз назари устодон пинҳон намонд ва ӯро аз курси дуюми донишҷӯӣ дар шӯъбаи ревмотологиии беморхонаи № 3- и Қарияи Боло ба сифати фелдшер ба кор гирифтанд. Ва қаҳрамони мо муддати 6 соли донишҷӯӣ дар баробари хониши аъло ба кор низ машғул буд ва дар ин шӯъба аз табибони варзида кору таҷриба омӯхт. Акаи Додарҷон сол ба сол дарк менамуд, ки муолиҷаи бемориҳои ковокии даҳон кори саҳлу осоне нест ва печидагиҳои зиёде дорад. Яке аз омилҳои муввафақияти ин духтури варзида, шогирдӣ дар назди Қаюм Қодиров гардид. Қаюм Қодиров яке аз беҳтарин дандонпизишкони Ҷумҳурӣ ба шумор мерафт. Додарҷон барои ӯ шогирди бовафое гардид ва то охир ба устодаш содиқ монд. Танҳо марги устодаш равобити онҳоро қатъ кард. Устодаш низ ки дар шогирдаш истеъдодҳои нуҳуфтаеро касб карда буд ва аз ишқаш ба ин касб низ пай бурда буд, тамоми донишу малакаи худро ба Додарҷон интиқол дод.Ӯ пайдоиш ва тарзи табобати ин ё он бемории дандонро дар амал нишон дода, таъкид менамуд, ки шогирдаш ба рафти табобат диққат диҳад ва ҳарчӣ нафаҳмад пурсад. Дар тӯли 17 сол ин марди донишманд ба Додарҷон дарси маҳорату касбият омӯхт. Реҳлати устодаш барои Додарҷон зарбаи сахте буд. Кори илмиаш низ, ки 6-7 сол зери роҳбарии устодаш дар навиштанаш заҳмат мекашид, баъди даргузашти устодаш нотамом монд. Аммо Додарҷон, ки нозукиҳои ин касбро ба хуби омӯхта буд рӯҳафтода нашуд ва қарор дод ба ҳар васила кори илмиашро ба анҷом расонад. Ба ҳамин мақсад бо роҳбарии Муҳаммадҷон Шокиров мудири кафедраи фӯку чехра ва стоматологияи кӯдаконаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ « бо мавзӯи «Бартараф кардани ковокиҳои пайдошуда дар

# Собиқадорони соҳа

ҷоғу рӯй» ба кори илмиаш идома дод. Баъди заҳамоти зиёд ба Додарҷон Хушвахтов муяссар шуд рисолаи номзадиашро дар шаҳри Томски Федератсияи Руссия соли 2007 тасдиқ намуда, билохира соли 2012 дар шаҳри Самара онро бо мувафақият ҳимоя кунад. Доктор Додарҷон Хушвахтов соли 2005 дар ҷумҳурӣ аввалин шуда барои бартараф намудани ковокиҳои бофтаҳои устухонӣ - ковокиҳо дар ҷоғи одам, аз никели титан - хокаи ғурӯшмонанд истифода намуд. Соли 2008 барои ин амалиёт гувоҳнома низ гирифт. Беморие, ки аз ин усули Додарҷон дар бартарафнамудани он истифода мебаранд, дар устухонҳои ҷоғ носур (ярраи фассадор) пайдо шуда устухонро мехӯрад. Барои пур кардани ковокӣ ғурӯшаю пластикаи аз он сохташударо истифода мекунанд. Омосҳо низ барои ҷоғ зарари ҷиддӣ доранд. Ҳатто омосҳои хушсифат низ ҷоғро мехӯранд. Дар базе ҳолатҳо ними ҷоғ нест мешавад. Ва барои бартараф кардани ин гуна бемориҳо аз усули акаи Додарҷон истифода мебаранд. Аммо вақте бемор мубталои омоси бадсифат мегардад, кори табобат каме душвор мегардад. Дар омоси бадсифат ними ҷоғи беморро гирифта партофтан лозим меояд. Мо дар ин сурат аз никели титан ҷоғ сохта, ба манаҳи беморон мечаспонем. Баъд аз ин амалиёт беморон даҳонашонро кушодаю пӯшида метавонанд ва бемалол хӯрок мехӯранд.

Ногуфта намонад, ки усули пешниҳоднамудаи Додарҷон Хушвахтов на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он низ истифода мегардад. Барои мисол дар шӯъбаи ҷароҳии ҷоғу рӯйи шаҳри Самара, ки дандонпизишкони тоҷик бо онҳо ҳамкори доранд дар давоми 8 моҳ 11 беморро бо усули пешниҳоднамудаи пизишки тоҷик, бо мувафақият ҷарроҳӣ гардиданд. Дар худи кишвар бошад, имрӯз ин усул дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ « ба табибон омӯзонида мешавад.

Додарҷон Хушвахтов дар Дармонгоҳи стамотологии №2 пойтахт аз ҳурмату эҳтиром бежае бархурдор аст. Дар муддати фаъолияти кории худ Додарҷон Хушвахтов шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки онҳо бо ифтихор ӯро устод мегӯянд. Аз инҳо Зарина Мелиева, Давлати Давлатшо, Зафар Сафаров, Шариф Ёров, Саида Ғаниева ва Хайрулло Раҷабов дар канори устодашон ба табобати беморон машғуланд. Писараш Дилшод низ касби падариро интихоб намуд ва пас аз хатми донишгоҳ, имрӯз шогирди падар аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки шогирони Додарҷон Хушвахтов 10 - 15 сол собиқаи корӣ дошта, ҳамаашон духтурони дараҷаи олианд.



Додарҷон Хушвахтов баробари табобати беморону корҳои маъмурии дармонгоҳ, инчунин ба фаъолияти илмӣ низ машғул аст. То имрӯз 40 мақолаи илмиаш дар маҷаллаҳои илми Федератсияи Русия ва Олмон ба нашр расидаанд. Аз ҷумла соли 2014 7 мақолааш дар Русия ва 6- тои дигар дар ҷумҳуриамон ба чоп расидаанд. Додарҷон Хушвахтов собиқаи хуби таълимӣ низ дорад. Ӯ солҳои зиёд ба донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дарс гуфта, ҳоло бошад дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тибб» ба ҳайси устод фаолият дорад.

Табобати беморон дар Дармонгоҳи стамотологии №2 ва ҳамчунин дар муассисаҳои дигари дандонпизишкӣ , тибқи нархномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст. Аммо табибон мегӯянд, ки ашхоси зиёди камбизоат ба дармонгоҳ муроҷиат менамоянд, аммо на ҳамаашон имкони тибқи нархнома пардохт намудани музди хизматрасониро доранд. Додарҷон Хушвахтов, ки худ марди дилсӯзест дар ин бобат чунин мегӯяд - ҳамаи мо инсонем ва дар ин гуна ҳолатҳо вазъияти бемори корафтодаро бояд фаҳмем. Гузашт кардан ба беморон дар ин гуна мавридҳо кори савобест. Чун кори хайру савоб рисолати ҳар инсон ва пеш аз ҳама кори табибон аст. Мо табибон қасами Ҳипократ хӯрдаем, ки беморро новобаста аз кадом мақому мансаб доштанаш, бо чеҳраи хушу забони ширин пазируфта, табобат намоем. Додарҷон Хушвахтов ҳоло нияти идомаи кори илмиашро дорад ва дар тараддуди навиштани рисолаи докторист. Ба гуфти ин пизишки ҳозиқ дар соҳа стамотология мавзӯи кори илмӣ зиёд аст. Ин соҳа ҳанӯз мавзуъҳои дастнозадаи зиёде дорад. Инчунин, мегӯяд Додарҷон, ният дорам чанд шогирдро барои навиштани рисолаи илмӣ ташвиқ намоям. Воқеан дар роҳи рушди илм заҳмат кашидан кори басо арзишмандест. Бахусус дар ҷодаи тибб, ки рисолаташ ба мардум саломати бахшидан аст. Мо низ ба Додарҷон Хушвахтов дар ин ҷоддаи пурмасъулият комёбиҳо хоҳонем.

**Меҳрубони САЛИМШО**

*Марворид*

# ЧАРО дандонҳо баъди ҳомиладорӣ ва шир додани кӯдак вайрон мешаванд?

Бисёриҳо мушкилоти дандонҳоро дар занони ҳомила, истеъмоли ками калтсий медонанд, аммо сабаби ин мушкилот на танҳо норасоии калтсий мебошад. Чун бисёре аз занон ҳангоми ҳомиладорӣ ба вояи хурокии худ (ратсион) диққати ҷиддӣ медиҳанд ва кӯшиш мекунанд аз витаминҳо ва минералҳо васеъ истифода бибаранд, аммо бо вуҷуди ин ба мушкилоти кариес дучор мегарданд. Сабабгори асосии ин, бактерияҳое мебошанд, ки дар дохили даҳон мавҷуданд. Маҳз ин бактерияҳо ба вайроншавии эмали дандонҳо мусоидат мекунанд ва аз ҳама бештар ҳаногоми заиф гаштани неруҳои муҳофизатии организм, афзоиш меёбанд. Ва дар ҳомилагӣ организм аз ҳама бештар заиф мегардад.

### ИРСИЯТ – САБАБИ ДИГАРИ БЕМОРИИ ДАНДОНҲО

Баъзе вақт одамон дарди ояндаи дандонҳояшонро фарз карда, дар бораи азоби дандондарди волидон ё бобову бибиҳояшон ёдоварӣ мекунанд. Дар асл ин, ки чаро дандонҳои одамони ҷавон вайрон мешаванд, муносибати бевосита на ба генетика, балки ба масъулияти модарон, ки давраи ҳомиладориро аз сар мегузаронанд, дорад.

Чун саломатии кӯдаки оянда аз ин ки модар ҳангоми ҳомиладорӣ чӣ мехӯрад ва то чӣ андоза қоидаҳои гигиенаро риоят мекунад, сахт вобастагӣ дорад.

Ба занони ҳомила зарур аст, ки дар хӯрокашон миқдори зарурии маҳсулоти дар таркибашон калтсий, витамини Д3, минералҳо ва намакҳои фоидаовар доштаро истифода намоянд. Агар организм ҳангоми ҳомиладорӣ, норасоии ягон аносирро таҷриба кунад, на танхо дар намуди дандонҳои дардманд, балки ба кулли организми кӯдаки оянда таъсиргузор хоҳад буд.

### ТАБОБАТИ ДАНДОН ДАР ДАВРАИ ҲОМИЛАДОРӢ

Дар айёми ҳомиладорӣ модарон ба намудҳои гуногуни бемориҳои стоматологӣ дучор омаданашон мумкин аст. Агар бемориҳои стоматологӣ саривақт пешгирӣ ва табобат карда шаванд, ду масъалаи муҳим ҳалли худро меёбанд: худи модарон аз ҷиҳати стоматологӣ бардаму солим хоҳанд буд, онҳоро ҳиҷ хавфу хатаре таҳдид нахоҳад кард. Дуввум дар оянда тифли батнашон дандонҳои солим мебарорад.

Таҷрибаҳо ва омор нишон медиҳанд, ки ташрифи модарони ҳомила ба духтурони стоматолог назар ба давраҳои пеш бештар шуда аст. Аз як тараф ин амр боиси хушҳолӣ бошад. Аз тарафи дигар нигаронкунанда низ мебошад, зеро табобат дар ин давраи зиндагӣ метавонад ба модар ва тифли батни ӯ таъсири манфӣ расонад.

Бояд ёдрас кунем, ки имрӯзҳо қариб 97 дарсади занони ҳомилаи ҷумҳурӣ ба ёриву мадади стоматологҳо ниёз доранд. Аз ҷумла ба ёрии муолиҷаи стоматологӣ 80 дарсад, ба ёрии ҷарроҳии стоматологӣ 45 дарсад. Ин рақамҳо нишондиҳандаи сатҳи маърифати занони мо мо мебошанд.

Роҳи ҳалли босамари ин кор ба роҳ мондани ҳамкориҳои зичи генекологҳо, табибони оилавӣ ва стома-



тологҳо мебошад. Модарон бояд то ҳомиладоршавӣ дандонҳоро пурра табобат кунанд, то ба тифли батнашон осебе нарасад. Инкишофи бо низоми тифли батн аз истеъмоли хурокҳои боғизои модар вобастагӣ дорад. Қисми зиёди калтсий, ки ба вуҷуди модар ворид мегардад онро ҷанини инкишофёбанда ҷаббида мегирад. Ин ҳолат дар давраи 6-7 ҳафта будани ҳомилагӣ рух дода, ба давраи пайдоиши устухонҳои дандон, табодули моддаҳои маъданӣ дар дандонҳои ширӣ,пайдоиш ва инкишофи дигар устухонҳои бадани тифл

вобаста мебошад. Дар ин айём модарон нозуку пурэҳсос шуда, андаке гармӣ ва ё сардиро дар данҳонҳо зуд эҳсос мекунанд.

Модарон дар давраи ҳомиладорӣ ба гигиенаи шахсӣ, пешгирии ҳар гуна бемориҳо, аз ҷумла дарди дандонҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд, то ки ин давра осону бедард сипарӣ шавад.

Бояд ба тозагии дандон аҳамият диҳанд, истифода аз чуткаҳои мулоим ва дар як рӯз ду маротиба шустани дандонҳо, истифодаи хамираҳои табобатӣ барои мустаҳкам намудани сирри дандонҳо, масҳ кардани милки дандонҳо барои беҳтар шудани гардиши хунро фаромӯш насозанд!

Истеъмоли хӯрокҳои серғизо, ки дар таркибашон калтсий ва фтор доранд, барои дар инкишофи ҷоғу рӯй ва дандонҳои тифли оянда шароити хуб фароҳам меоранд. Инчунин истеъмоли маводҳои ширӣ низ аз аҳамият холӣ нест.

Дар давраи ҳомиладорӣ на камтар аз 4 маротиба бояд аз муоинаи табиби стамотолог гузаранд, зеро дар натиҷаи сусту нотавон шудани ҷисм пайдоиши бемориҳои стамотологӣ аз эҳтимол дур нест, ба монанди:

1. Газаки милки дандон. (гингивит)

2. Обшавӣ, нобудшавии дандонҳои ҷоғи боло(парадонтоз)

3. Римоварӣ, маддаҳосилкунии дандонҳо.

Хотирассон мекунем ки ҳангоми ҳомиладорӣ аз ренген гузаштан ва дурудароз табобат намудани дандонҳо комилан манъ аст! Аз ҳама беҳтараш он аст, ки модарон пеш аз ҳомиладоршавӣ дандонҳояшонро табобат кунанд ва худро ба таваллуд намудан тайёр намоянд.



# Кӯдакону наврасонро этиёт бояд намуд!

Яке аз роҳҳои самарабахши ҷамъоварии иттилооти зарурӣ ва ҳамзамон пешгирӣ намудани бемориҳои стоматологӣ, ин анҷом додани тадбирҳои беҳдошти (санатсияи) ковокии даҳон дар байни кӯдакон ва наврасон мебошад. Маъмултарин бемориҳои дандон кариес мебошад,ки музмин ва аз ҷиҳати паҳн шави ҷои аввалро мегирад. Кариес аз бронхит 6-7 маротиба бештар дучор меояд, ки сари вақт муолиҷа накардани он сабаби сар задани оризаҳои он (пулпит) дар натиҷаи риоя накардани беҳдошти ковокии даҳон ва пайдоиши бемориҳои бофтаҳои атрофии дандон сабаб шуда метавонад. Сабаби дигар риоя накардани гигенаи ковокии даҳон, ҷамъшавии чирк ва истеъмоли хӯрокҳои хунук мебошад, ки дар натиҷа милкҳо хуншор ва дардманд гардида, бемории стоматит пайдо мешавад. Бо ин мақсад, феълан дар Пажӯҳишгоҳ дар асоси дастури мӯҳтарам Вазир лоиҳаи фармоиши муштараки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати маориф ва илм «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани пешгирии бемориҳои стоматологӣ дар байни таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ» таҳия гардида истода, рӯзҳои наздик ба баррасии вазоратҳои зикршуда пешниҳод хоҳад гардид. Инчунин бояд зикр намуд, ки афзоиши гирифтории кӯдакон ба бемории кариеси дандон, парадонтит ва пулпит нигароникунанда боқӣ мемонад. Сабаби аслии гирифторӣ ба ин навъи бемориҳои дандон, пеш аз ҳама огаҳ набудани волидон ва калонсолон аз қоидаҳои оддитарини нигоҳубин ва беҳдошти дандони кӯдакон мебошад! Истеъмоли аз ҳад зиёди шириниву шоколадҳо, ҳафтаҳо истифода набурдани хамираи дандоншӯи ва мисвок, ташрифи саривақтӣ наовардан ба дандонпизишк ва маърифати тиббии ноқис доштани волидону набудани механизми чорабиниҳои пешгирикунандаи бемориҳои стоматологӣ мебошад.



**МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР:**

**Яке аз бемориҳое, ки солҳои охир мардумро , ба ташвиш оварда аст бемориҳои гепатити “А” “ В” “С” буда, аслан марбут ба ҷигари инсон мебошад. Оид ба роҳи пешгирӣ ва табобату оқибатҳои он суҳбате доштем бо мушовири илмиии Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология, акедемики Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Ғиёсиддин Мероҷов, ки фишурдаи онро манзури хонандагони гиромии маҷалла мегардонем.**

**Феълан анқариб 700 миллион нафар аҳолии замин гирифтори бемории вируси “В” мебошанд. Гарчанде ҷигари ин ашхос солим бошад ҳам , эшон манбаи сироятии бемориҳои гепатит маҳсуб ёфта, метавонанд дигаронро мубталои ин беморӣ гардонанд. Дар кишварҳои пешрафта барои пешгирӣ ва паҳнашавиии ин беморӣ чораҳои сариваќтӣ андешида шудаанд: кулли мардум, пеш аз сафари муҳоҷиратӣ ва ё издивоҷ ҳатман аз ташхиси лабараторӣ мегузаранд.**



# АКАДЕМИК МИРОҶОВ: ГЕПАТИТИ «С» НИЗ ТАБОБАТШАВАНДА АСТ

**Аммо гирифторони Гепатити “С” имрӯзҳо ним миллионро дар сайёра ташкил медиҳанд! Солҳои охир дар кишвари мо низ теъдоди гирифторӣ ба ин беморӣ меафзояд. Аз назарсанҷие, ки гузаронида шуд, муайян гардид, ки аз 100 нафар танҳо 13 нафарашон аз ин бемории сироятӣ огаҳ астанду халос.**

**-Мӯҳтарам Мироҷов, сараввал мехостем бидонем, ки сабаби гирифторӣ ба бемории гепатити “С” ва”Д” чист?**

-Бояд зикр кунем, ки сироятшавии ҷигар бештар дар намуди бемориҳои гепатити музмини “В”, “Д” ва “С” пайдо мешавад. Ин вирусҳо ба ҷисми инсон тавассути хун ворид мешаванд. Ҳатто дар ҳолати истифодабарии як поку, дар сартарошхонаҳо имконияту хавфи сирояти он вуҷуд дорад. Инчунин тавассути сӯзандору аз як шахс ба шахси дигар, ё аз модар ҳини таваллуд ба тифл мегузарад. Мутаасифона сатҳи маърифатнокии тиббии мардум хеле паст буда,- ба ин мушкилот эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

**-Сабаб чист, ки баъзе беморон ин касалии шадиди вирусиро ба осонӣ мегузаронанд ва гурӯҳи дигар онро ниҳоят вазнин гузаронида, ба сироз ё саратони ҷигар гирифтор мешаванд?**

-Дуруст қайд кардед. Дар ин масъала мо корҳои илмии зиёдеро ба анҷом расонидем, ки аз ҷониби марказҳои илмии хориҷа низ баҳои баланд гирифтанд. Имрӯз мо зиёда аз 7 намуди вирусҳоро ҷудо карда метавонем, ки ба ҷигар таъсири бад мерасонанд: аз ҷумла вирусҳои “А”, “В”, “Д”, “С”, “Е” ва ғайра.

Гепатити вируси “А” шадид ҷараён ёфта, беморон ба зуди шифо меёбанд ва дар ҷигар ягон осебе боқӣ намемонад. Се намуди баъдӣ бошад, одатан бо оризаҳои зиёд ҷараён ёфта,сабабгори пайдоиши сироз ва саратони ҷигар мегарданд.

**-Баъзеҳо андеша доранд, ки гепатити “С” табобатнашаванда мебошад.**

-Чун гирифтори ин вирус сариваќт ба духтурон муроҷиат кунад, табобати он мушкилие надорад! Дар давраи аввал, миқдори вирус дар хун ва намуди он аниқ карда мешавад, зеро ин вирус 6 намуд дорад. Дар Тоҷикистон навъҳои “1- а, 1- в ва 3- а ” зиёд аст, ки навъҳои вазнини ин вирус мебошанд. Агар табобати гепатити “С 3-а” 6

моҳ давом ёбад, муоличаи гепатити"С -1а ва 1-в" якуним сол тӯл мекашад! Яъне танҳо бо гузашти ин муддат ин вирусро мешавад аз бадани инсон пок кард. Барои табобати ҳамаи намуди гепатитҳо доруҳои зиддивирусӣ лозим аст.

Гепатити "А", "В", "С", "Д" музмин (кухнагашта) мешаванд. Гепатитҳои шадид баъди 20-25 рӯзи табобат пурра аз ҷисми бемор маҳв гардонида шуда, инсон зуд табобат меёбад. Хусусан баробари гепатити "А" 85%-и гирифторони гепатити "В" низ баъди табобат пурра шифо меёбанд. Аммо дар хуни 15%-и бемороне, ки масъунияташон паст ё миқдори вирусашон зиёд аст, вирус боқӣ мемонад. Ҳамин вирус тадриҷан дар ҷисми одам гепатити музминро ба вуҷуд меорад. Яъне 15 дарсади беморони вируси шадиди "В" одатан ба гепатити навъи дигар бадал мешаванд. Бе гепатити "Б" гепатит "Д" амал карда наметавонад! Вай дар ҷисми инсон гепатити "В"- ро нест намуда, танҳо сироят мекунад ё ҳарду ҳамроҳ инкишоф меёбанд. Ин ҳолатро дар илми тиб инфуксияи олӣ мегӯянд. Ва дар чунин ҳолат беморон бечунучаро дучори гепатити музмин мешаванд. Давраи шадиди ин гепатитҳо фаъол мегузарад, бемор будани кас маълум мегардад.

Вале давраи шадиди гепатити "С" ҳатто барои табибон номаълум мемонад. Ин намуди бемориро танҳо ташхиси пурраи хун муайян мекунад ва дар натиҷа маълум мешавад, ки дар хун гепатити "С" низ мавҷуд буда, аллакай ба гепатити музмин табдил ёфта аст. Аз ин рӯ, оризаи наздики 70%-и беморони гепатити "С" ба гепатити музмин табдил меёбад.

**- Киҳо бештар мубталои ин беморӣ мешаванд?**

- Имрӯз 15% - и онҳое, ки худ солимандy хун медиҳанд, инчунин нашъамандон, маҳбусон, муҳоҷирон ва кормандони тиб, бахусус ҷарроҳон, дандонпизишкон, гинекологҳо осебпазиранд. Доруҳои зидди вируси гепатит аз ширкатҳои Амрико ва Швейцария ба Тоҷикистон ворид мегарданд, ки арзиши баланд доранд.



**- Аксари беморон имконияти харидории ин доруҳоро надоранд, барои рафъи ин мушкилот олимони тоҷик то имрӯз чи корҳоро ба анҷом расонидаанд, оё мо худ имконияти истеҳсоли чунин доруҳоро надорем?**

-Хеле бамаврид зикр кардед, ин мушкилот танҳо дар Тоҷикистон, балки дар як қатор кишварҳои мутараққӣ низ мавҷуд аст. Айни ҳол доруҳои асосие, ки зидди гапатити вируси "В" ва "С" истифода мешаванд, доруҳои гурӯҳи "Интерферон"- Пегинтрон ва "Пегасис" мебошанд. Бузургтарин марказҳои тиббии ҷаҳон собит намуданд, ки ин гурӯҳи доруҳо метавонанд вирусҳоро аз ҷисми инсон комилан нобуд созанд. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон ба кишвар ду маротиба бо маблағи зиёд чунин доруҳоро ворид намуд, ки дар натиҷа бемороНи зиёди ниёзманд шифо ёфтанд. Ширкатҳои "Рош"-и Швейцария ва "Шеринг"-Платуа- и Амрико, ки ин навъи доруҳоро истеҳсол мекунад, арзиши онҳоро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони мо хеле арзон намудаанд. Бо вуҷуди ин, на ҳама беморон имконияти харидории ин гуна доруҳоро доранд. Барои ҳалли ин мушкилӣ мо, олимони Пажӯҳишгоҳ талош дорем, ки дар асоси маводи замонавии мавҷуда, истеҳсоли баъзе доруҳоро дар кишварамон роҳандозӣ намоем, ки онҳо қобилияти нест намудани вирусҳоро дошта бошанд...

**Дар ин боб гуфтаниҳо зиёданд. Ҳадафи мо аз ин сӯҳбат маълумоти мухтасар дар бораи бемории вирусии гепатити "С" буд. Тавре, ки мутахасси дараҷаи олӣ иброз намуданд, дар натиҷаи муроҷиати саривақтӣ, муоличаи ин беморӣ имконпазир аст. Ҳеҷ гоҳ ноумед набояд шуд.**

**Сӯҳбати Ҳикматуллоҳи РӮҲУЛАМИНЗОД**



## Барги Зуф - Подорожник большой

Зуф рустании бисёрсолаи алафи буда, ба оилаи зуфиҳо (Plantaginaceae) таалуқ дорад. Барги зуф якҷоя аз баргпоя сабзида дарозиаш аз 5 – 20 см ва паҳноияш аз 5 – 12см. Зуф дар моҳҳои июн – июл гулкарда, тухмаш дар моҳҳои сентябр – октябр пухта мерасад. Барги зуфро дар вақти гулкуни ҷамъовари намуда дар ҷойҳои ҳавогузар хушк мекунанд.

**Қисми истифодабарӣ.** Дар тиб ба мақсади дорувори барг, тухм ва шираи зуфро ба кор мебаранд.

**Хосиятҳои шифобахшӣ.** Барги зуф хусусияти зидди илтиҳобӣ зиддибактерияви илтиҳомовари захм, таскинкунандаи дард ва зиддиташанучи дорад. Дар соҳаи стоматология обдам, обчуш ва қиёми шаробии барги зуфро барои табобати бемориҳои бофтаи атрофи дандон (гингвастоматит язвенный, эрозивный) ва стоматити баъди зукоми бо усули чайқонидани ковокии даҳон ва тарбандии захму решҳо истифода мебаранд.

**Тарзи истифодабарӣ**. Як ҷумҷаи дисертӣ 10 гр барги зуфро дар як истакон оби ҷӯш 10 – 20 дақиқа дам дода, соф намуда дар як руз 3 – 4маротиба барои чақонидани ковокии даҳон ва тарбандии захму решҳо истифода мебаранд.



## Гули хайри - Алтей лекарственный

Гули хайри алафи бисёр сола буда ба оилаи тугмачагулҳо (Malvaceae) мансуб мебошад. Баргҳояш пайдарҳам , тухмшакли парадор, гулаш ранги гулобии равшан, тухиаш гирдшакл мешавад. Табъи гулихайриро Абӯали ибни Сино гарм ва тар шуморидаанд.

**Қисми истифодабарӣ.** Ба мақсади дорувори реша ва решачаҳои гули хайриро тирамоҳ дар моҳҳои сентябр – октябр ва барвақтии баҳор – моҳҳои апрел - май аз замин канда, аз хок тоза карда ба андозаи 1-2 см бурида дар офтоб ё хушккунакҳои махсус дар зери ҳарорати 40-60 дараҷа хушк карда, дар қутиҳои қоғазин, чубин то 3-5 сол нигоҳ медоранд. Гулу баргҳоро тобистон ҷамъовари карда дар соя хушк карда дар муддати 1-2сол нигоҳ дошта истифода мебаранд.

**Хосиятҳои шифобахшӣ.** Решаи гули хайрӣ дорои хосиятҳои оромбахшӣ, нумуъкунандаи масуният, зиддиилтиҳоби, таскинкунандаи дард, хунбандкунанда, илтиҳомовари захм ва нармкунанда мебошад. Дар соҳаи стомотология обҷӯши гули хайриро барои чаққа додани ковокии даҳон ба беморони мубталои илтиҳоби вераи дандон, бодомакҳо, ком ва забон истифода мебаранд.



**Тарзи истифодабарӣ**. Як ҷумчаи чойнушии гули хайриро дар як истакон оби ҷӯш 15–20дақиқа дам дода, соф намуда дар як руз 2–3 маротиба барои обгардон кардани ковокии даҳон истифода мебаранд.

Итеъмоли гули хайри барои меъда ва шуш зарар дорад . барои ислоҳи ин хосияташ оби заргул, асал ва бодиён хурдан лозим аст. (Зоҳидов Ҳ. 1991)



# Чойкаҳак – Зверобой

Чойкаҳак гиёҳи худрӯйи бисёрсола буда ба оилаи чойкаҳакгулон (Guttiferae) мансуб мебошад. Баргҳои чойкаҳак дарози байзашакл ва гули панҷбарга дошта, рангаш зард мешавад.

**Қисми истифодабарӣ.** Ба мақсади дорувори қисми рӯизамини рустаниро дар баландии 20-30см аз сатҳи замин бурида дар болохонаҳо, даҳлез, дар сояи ҳавогузар хушк карда, дар қутиҳои қоғазӣ ё халтачаҳои махсус дар ҷойи хушк то 3 сол нигоҳ дошта истифода мебаранд.

**Хосиятҳои шифобахшӣ.** Чойкаҳак гиёҳи "аз 99 касалӣ" шифобахш аст. Чойкаҳак хуссусиятҳои зидди микроби, зидди илтиҳобӣ, хунбанд, часпандагӣ таскинкунандаи дард, илтиҳомовари захм ва оромбахши системаи асаб ро дорост. Дар соҳаи стомотология обҷӯши алафи чойкаҳакро барои табобати касалиҳои илтиҳоби луобпардаи ковокии даҳон, забон, ком, илтиҳоби римноки бофтаи атрофи дандон ва забаҳ бо усули чайқонидани ковокии даҳон истифода мебаранд.



**Тарзи истеъмол.** 1 ҷумчаи чойнуши алафи чойкаҳакро дар 200 мл оби ҷӯш 15 дақиқа дам дода, ва барои обгардон кардани даҳон, $^{1}/_{2}$ стакани маҳлули гармро дар муддати 5 – 10 рӯз истифода мебаранд.

**Дар вақти** бо чойкаҳак табобат кардан дар хотир бояд дошт, ки чойкаҳак ҳосилшавии гармонҳои таносул (ҷинсӣ)- ро афзуда ба баромадани мӯй дар рӯй дасту по оварда мерасонад. Аз ин рӯ чойкаҳакро дар омехтаги бо гиёҳҳои дар таркибашон эстрогенҳо дошта (решаи ширинбия, себаргаи сурх, пудина) истеъмол кардан зарур аст. (Куреннов И. 2008)



# Сабр – Алоэ дерево видное

Сабр рустании ҳамеша сабзи бисёрсола буда, ба оилаи савсан ё занбақиҳо (Liliaceae) шомил аст. Баргаш пайдарҳам сершира ва сердила буда, то 50 см дарозӣ дорад. Канораш хордор, тарафи поён барҷаста болояш ҳамвор буда, хелоҳам талхмаза аст. Гули сабр ранги зарди сурхтоб ё норанҷин, найча шакл ва хушагулаш саракимонанд мешавад.

**Қисми истифодабарӣ.** Ба мақсади муолиҷа шираи сабри дарахтмонанд ва рахдор истифода бурда мешавад. Барои ҷамъовари баргҳои поёнӣ ва миёнагиро бо пардаи пӯстлоқаш ки то 18см дарози доранд гирифтан зарур аст.

**Хосияти шифобахшӣ.** Сабр дорои хосиятҳои зиддиилтиҳоби, зидибактерияви илтиҳомовари захм ва баланд кунандаи масунияти бадан мебошад.

Итифодабари дар тиб. Са брро ба сифати модаи табобатӣ зиёда аз 3000 сол пеш истифода мебурданд. Дар соҳаи стомотология шираи сабрро барои табобати бемориҳои бофтаи атрофи дандонҳо ва стоматит истифода мебаранд.

# ИМПЛАНТАТСИЯИ ДЕНТАЛӢ






Мутаассифона, бо вуҷуди дастовардҳои стоматологияимуосир, аксарияти одамон дар давоми ҳаёташон аз якчанд ё ҳамаи дандонҳояшон маҳрум мешаванд. Талафи ҳамаи дандонҳо то солҳои охир масъалаи вазнини тиб ба ҳисоб мерафт.



Барои баркарор намудани як дандони талафшуда, то солҳои охир протезҳои кӯпрукшакл истифода мешуданд (расм). Яъне, барои ин ду дандони сиҳатро арра карда, ба онҳо протези кӯпрукшаклро мепӯшонанд. Лекин илми тиб дар ҷояш наистода, ҳарсол усулҳои нави табобат пешниҳод мешаванд.

Дар ҳолати набудани қисми зиёд ё ҳамаи дандонҳо одатан протези гирифташаванда тайёр карда мешавад. Агар дар ҷоғ ягон дандон монда бошад чунин протез хуб фиксатсия мешавад. Дар ҳолати набудани ҳамаи дандонҳо бошад, (хусусан дар ҷоғи поён), протез устувор намеистад.





Дар чунин ҳолат мо метавонем аз 2 то 4 имплантат гузошта, протезро бо ёрии имплантатҳо мустаҳкам созем (расм).

**Имплантат чист?**

Имплантати денталӣ, бо забони оддӣ, ин решаи сунъии дандон аст, ки одатан аз титани тозаи тиббӣ сохта шуда, ба зери милк – дохили устухони ҷоғ ворид карда мешавад. Пас ба он абатмент ва қисми тоҷии дандон пайваст карда мешавад.



Афзалиятҳои имплантатсия дар чист? Афзалияти асосии имплантатсия аз протезкунии оддӣ дар он аст, ки дар вақти имплантатсия дандонҳои сиҳатро арра намекунанд. Афзалияти дигар дар он аст, ки дандони бо ёрии имплантат баркароршуда, ба дандони табиӣ монанд буда, ба он ҳисси «ҷисми бегона» пайдо намешавад.

**Тел. Барои маълумоти иловагӣ: (+992) 91 917 72 39; 93 900 06 88**



*Марворид*

# БАРҚАРОРКУНИИ БРЕКЕТҲО – ТАБАССУМИ ИДЕАЛӢ (АЙНИ МУДДАЪО) БЕ ДАРД ВА МУШКИЛӢ

*Фарход Бадалов -табиб стоматолог ортодонт*

Дандонҳои ноҳамвор, вайроншавии газиш ва дар натиҷа – тарси доимии кушода табассум намудан аз иллатҳоест, ки рушди ҳамаҷонибаи илму технология дар ин амр даст доранд: истеъмоли маводҳои тайёру мулоим бегумон қобилияти хоиданро дар даҳон ба ҳадди нестӣ оварда расонида аст. Ирсият ҳам метавонад дар ин раванд саҳм дошта бошад! Чӣ тавре набошад, каҷию ноҳамвории дандонҳо набояд шуморо малулу озурдахотир созад. Мутахассиси ортодонт омодааст, табассуми зебо ва муқаррарии шуморо барқарор созад!

Брекетҳо яке аз намудҳои барқароркунандаи ноҳамвориҳои дандон мебошанд, ки ба таври васеъ имрӯзҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

### БРЕКЕТ ЧИСТ ВА ЧИ ЛОЗИМ АСТ?

Аксарияти одамон фикр мекунанд, ки брекетҳо на он қадар зебо буда, ба кайфияти инсонҳо халал ворид месозанд. Аммо ин хеле давронепеш буд! Акнун брекетҳо на танҳо барқароркунандаи ноҳамвориҳои дандон, балки зебокунандаи табассуму даҳони шумо низ махсуб меёбанд!

Брекетҳои ҳозира ҳаҷман хурду ҷилодор буда, аз ду тарафи дандон гузошта шуда, бо ҳалқачаҳои ноаён мустаҳкам карда мешаванд. Ҳангоми табассум ҳусни шуморо ду баробар бештар дилкаштару марғубтар мегардонанд!

**Брекетҳо метавонанд:**

1. **Тарзи хоиданро дуруст гардонанд;**
2. **Комилан раддаи дандонҳоро рост кунанд;**
3. **Холигиҳои нолозимаро бартараф намоянд:**
4. **Дар ҳолати набудани як дандон, раддаи ботартибро ташкил диҳанд;**

Истифодаи ин амалиёт(брекетгузорӣ) бо кафолат буда,натиҷаи дилхохро медиҳад. Мушкилоти тамоми бемориҳои дандонро бедард ҳал хоҳад намуд. Брекетҳо дар байни ҷавонон ба сифати як моддаи нав маъруфу серистифода гардида, инчунинситораҳои кинову телевизион низ аз он истифода мебаранд. Ҳатто ҳамту ба хотири зебогӣ ва ҷилодор нишон додани табассум ва дандонҳо низ брекетҳои бо тилло ва зар орододашударо мегузоранд!

### Брекетҳо чанд намуд мешаванд?

Брекетҳо аз металҳои гуногун сохта шуда вазифаҳои зарурира ба сомон мерасонанд. Мо чанд намуди онро мувофиқи завқ, ҳолати даҳон ва буҷаи шумо пешниҳод мекунем:

### Брекетҳо аз фузулот, арзон ва варианти беҳтарин.

Ин брекетҳо табобатро осон намуда, муддати табобатро кӯтоҳтар мегардонанд.

### Брекетҳои керамикӣ:

камтарак гаронарзиштар , аммо хеле ҷолиб ва судманд! Ин намуд брекетҳо на он қадар ба чашм айён буда, ба милкҳо созгор ва ҳамранги дандонҳоянд! Дар ин маврид ба ҳар дандон як брикет интихоб карда мешавад. Аммо бояд дар назар дошт, ки табобат бо ин намуди брекетҳо тӯлонитар бошад ҳам, судмандтар мебошад!



### Брекетҳои сапфирӣ:

Ин намуд аз намуди қаблӣ боз ҳам гаронтар ва муфидтар мебошад! Ин брекетҳо аз сапфири сунъӣ омода карда шуда, бо як намуди дигари ҳамин мавод мустаҳкам карда мешаванд. Намуди зоҳирии шумо, ҳангоми мавҷуд будани ин намуди брекетҳо куллан тағйир намеёбад!



### Брекетҳои лингвалӣ:

Тамоман ноайён буда, бароҳат мебошанд ва ноҷуркунанда нестнд! Ин намуд маъмултарин ва маъруфтарин намуди брекетҳои истифодашаванда мебошад, ки бо сифатҳои хоссаш фарқ мекунад. Аввалан ин брекетҳо пурра аз дохили дандонҳо гузошта шуда, муддати барқароршавии дандонҳоро метезонанд! Яъне пеш аз мухлат дандонҳо зуд дар як рада ҷойгир мешаванд ва ин амал чунон тез мегузарад, ки шумо фаромӯш мекунед, ки брекет доштед ё хайр!?

# Особенности удаления зубов мудрости на нижней челюсти в условиях амбулаторного хирургического приема

**А.Р.Гафуров , С.И.Исламова, Р.Ш.Карабаев, Ш.С.Саидшарипова, М. Менглиева, Л.Н. Пачаджанова**

*Научно-клинический институт стоматологии и челюстно-лицевой хирургии*

**АКТУАЛЬНОСТЬ:** До настоящего времени удаление нижнего зуба мудрости вызывают трудности у врачей стоматологов в амбулаторной практике, что является причиной незавершенного удаления. Нередко отмечается ретенция этого зуба.

Ретенция зуба — довольно распространенная патология, для которой характерно отсутствие прорезывания зубов при наличии их зачатков в кости челюсти. Ретинированный зуб, соответственно — это непрорезавшийся зуб, зачаток которого находится в челюстной кости. Он может быть либо вовсе не виден во рту, либо едва заметен сквозь ткани десны. При дистопии зуб прорезывается в полост рта, но занимает аномальное положение.( 1,3,5)

**ЦЕЛЬ ИССЛЕДОВАНИЯ:**

Выделить основные особенности проведения обследования и подготовки для оперативного вмешательства по удалению ретинированных и дистопированных зубов мудрости на нижней челюсти и пути предотвращения осложнений в условиях амбулаторного хирургического приема.

**МАТЕРИАЛЫ И МЕТОДЫ:**

За период 2014-2015 г. В наш институт в отделение амбулаторной-хирургической стоматологии обратилось и было прооперированно 314 пациентов по поводу удаления нижнего зуба мудрости. При рентгенологическом обследовании нормальное положение зуба было у 203 больных рис (1). Горизонтальное положение у 11 рис (2) , а полугоризонтальное у 100 больных.рис (3).

27 пациентов обратилось к нам, после обращения их в другие клиники где им не смогли завершить удаление зуба. У 118 больных отмечался перикоронорит, а у 12 –крылочелюстной абсцесс. У этих 130 больных в экстренном порядке проводили вскрытие абсцесса, назначали противовоспалительные препараты и на 4-5 день после стихания воспалительного процесса удаляли «причинный» зуб. В плановом порядке проводилось обследование больных .Среди основных принципов подготовки и проведения таких операций можно выделить следующие, анализ крови, свертовование крови, по показаниям проводили консультации других специалистов.

1.Диагностика аномального положения зубов основывавалось на клинических и рентгенологических данных

К клиническим признакам ретенции относится задержка прорезывания постоянного зуба. Окончательный ответ при подозрении на ретенцию давали рентгенологические методы исследования рис[1,2,3].

Это, прежде всего, прицельные снимки. Одиночный снимок давал двухмерное представление о зубе. Мы оценивали положение зуба в вертикальной плоскости и в мезиодистальном направлении. Более информативно даёт изучение ортопантомограммы. Данный вид исследования дает информацию о положении ретинированного зуба в мезиодистальном направлении,



Рис.1



Рис.2



Рис. 3

однако не всегда можно было точно выявить сложную анатомию его взаиморасположения с соседними зубами. Современный метод трехмерной дентальной компьютерной томографии позволяет точно определить расположение ретинированного зуба в трех взаимно перпендикулярных плоскостях и его соотношение с соседними анатомическими структурами, что помогло в планировании операции.

Хирургическое вмешательство проводили утром, пациенту подробно и вместе с тем избегая устрашающих медицинских терминов, объясняли ход операции, рассказывали о течении послеоперационного периода, о негативных сторонах вмешательства (отек, боль) и возможных осложнениях, отвечали на вопросы.При описании этих аспектов делали акцент на временном характере возникающих негативных явлений, низкой вероятности возникновения осложнений и наличии целого спектра возможностей по их преодолению.

Позитивный настрой и уверенность врача помогало преодолеть закономерные опасения пациентов при планировании вмешательства. Пациенты должны знать, что наличие современных анальгетиков, физиотерапевтических методов лечения значительно уменьшает выраженность побочных явлений операции, а постоянный врачебный контроль дает возможность пережить их с минимальными неудобствами. (2,4)

2. При осмотре пациента оценивали психологические особенности личности

Врачу нужно помнить, что для пациентов могут быть характерны повышенная тревожность и лабильность вегетативной системы. Иногда требуется психотерапевтическая или медикаментозная подготовка, премедикация

Мы назначали прием в течение недели до вмешательства таких современных препаратов, как селективные анксиолитики (афобазол, адаптол, тенотен, ноопепт). Эти препараты устраняют чувство страха, повышенную тревожность, плаксивость, панические атаки. Они не вызывают привыкания, не имеют синдрома отмены, не влияют на моторные реакции и продаются без рецепта. Лучше, если эти, а также более серьезные препараты, например дневные транквилизаторы, назначит невролог.Важно установить контакт с пациентом.

3.Особые требования предъявлялись к скорости оперативного вмешательства.

Безболезненность вмешательства — один из решающих факторов, обеспечивающих успех мероприятия в целом.

Операцию начинали с проводниковой анестезии. Для доступа к зоне вмешательства проводили универсальный разрез, проходящий по гребню альвеолярного отростка дистальнее второго моляра с последующим окаймлением его коронки внутрибороздковым путем и продолжающийся вниз под углом по наружной поверхности альвеолярного отростка до переходной складки. Затем отслаивали слизисто-надкостничный лоскут и обнажали альвеолярную кость в зоне вмешательства. Рис (4)

Манипуляция с язычной стороны должна быть минимальной и предельно деликатной. Не рекомендуется проводить отслаивание надкостницы в этой области для предупреждения развития осложнений в виде гематом и флегмон крыловидно-нижнечелюстного пространства. Острым бором (фрезой) с адекватным водяным охлаждением проводится удаление кортикальной кости. Оно должно быть минимальным для уменьшения травматичности вмешательства, но достаточным для извлечения зуба.

Облегчить вывихивание зачатка помогало его распиливание. Чаще всего отпиливанию подлежит медиальная часть коронки третьего моляра, находящаяся в поднутрении у шейки второго моляра, однако при другом наклоне зачатка схема распила была изменена. После осторожного и ненасильственного вывихивания зачатка зуба сглаживали острые края кости, костный дефект промывали физиологическим раствором, лоскут мобилизировали и ушивали с оставлением резинового дренажа на сутки (рис. 3—11).

В послеоперационном периоде назначали



**Рис. 4. Проведение разреза.**



**Рис. 5. Откинут слизисто-надкостничный лоскут с вестибулярной стороны.**



**Рис. 6 Удаление кортикальной костной ткани для освобождения зачатка зуба.**



Рис.7Вывихивание зачатка после отпиливания медиальной части коронки.



Рис. 8. Промывание раны физиологическим раствором.



Рис. 9. Процесс ушивания раны.

холод местно, щадящее питание и антисептические ванночки раствором 0,2%-ногохлоргексидина. Предупреждали пациента о возникновении боли, отека тканей и ограничения открывания рта в течение нескольких дней после вмешательства. С целью обезболивания назначлипрепараты с выраженным анальгетическим эффектом, не раздражающие слизистую оболочку желудка и минимально вли-



Рис. 10. Рана ушита.



Рис. 11 Установка резинового дренажа.

яющие на свертываемость крови. Например, кеторолакатрометамин (кетанов, кеторол), но не кетопрофен (кетонал). Швы снимали примерно через 10—12 дней.

Наиболее частыми осложнениями после удаления нижнего зуба мудрости 5-1 % случаях были: осложнения во время операции 0.8%, посоперативном период, у0,4% пациентов отмечался луночковый остеомиелит, у 0.5% - нарушение в височно-нижнечелюстном суставе. У 1,25% больных отмечался абсцесс, у 0.4% - постоперативное кровотечение, у 0.08% - отмечалась гематома. Все эти осложнения были у больных у которых до оперативного вмешательства отмечалась одонтогенная инфекция в околокорневых каналах. Курение ухудшало течение воспалительного процесса. (5)

**ВЫВОДЫ:**

Таким образом, к факторам успеха можно отнести тщательное планирование вмешательства, уточнение положения зубов в челюсти с помощью современных методов рентгенологической диагностики, психологическую и медикаментозную подготовку пациента, взаимодействие с пациентом, адекватное обезболивание.

Знание методики выполнения, а также быстрота и максимальная деликатность при работе с мягкими и твердыми тканями позволят врачу в большинстве случаев успешно провести операцию удаления ретинированных и дистопированных зубов под местным обезболиванием в условиях амбулаторного хирургического приема.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Волчек Д. А., Голубева Г. И., Рабухина Н. А., Оспанова Г. Б. Современные методы обследования пациентов с ретенцией клыков верхней челюсти // Ортодонтия. — 2006, № 1(33). — С. 24—26.

2. Дорошенко С. И., Кульгинский Е. А. Методы лечения ретенции зубов // Сучаснаортодонтiя. — 2010, № 2 (20). — С. 11—16.

3.Корбандо Ж. М., Патти А. Хирургическое и ортодонтическое лечение ретинированных зубов. — М.: Азбука стоматолога, 2009. — 135 с.

4.Паслер Ф. А., Виссер Х. Рентгенодиагностика в практике стоматолога. — М.: МЕДпресс-информ, 2007. — 351 с.

5.Mozzati M.,Gallesio G .,Ullio L.,Staiti G.,Lucchina A. G.,Mortellaro C., J Craniofac Surg. 2014 Nov; 25 ( 6 ): 2018-3

# Ислам и зубы

**Ислам сделал обязательным очищение после еды. Так, после того, как он призвал к омовению для ее принятия, – здесь достаточно вымыть лишь руки – он велит, чтобы человек избавился от ее остатков, запаха и следов, – ведь это то, что может быть самым чистым и приятным для человека.**

Со слов Посланника Аллаха передано следующее: **"Благодать еды – вуду до нее и вуду после нее" (Абу Дауд).**

Это требуемое очищение, и побуждение к его совершению зависит от характера оставшейся еды на теле. Если эти остатки проникли в скрытые места, то мусульманин в обязательном порядке должен от этого очиститься.

Посланник Аллаха сказал: **"Вычищайтесь (чистите тщательно между зубами), ведь, воистину, это чистота, а чистота призывает к вере, а вера – с ее обладателем в Раю" (Ат-Табарани).**



В наставлениях Пророка очищение посредством омовения (вуду) связывалось с очищением после еды. Со слов Абу Айюба передано: "Посланник Аллаха вышел к нам и сказал: **«Как превосходны вычищающиеся из моей общины». Было сказано:** «А кто эти вычищающиеся?» Он сказал: **«При вуду и еде»" (Ахмад).** Что касается "вычищения" вуду, то это полоскание рта и промывание носа и между пальцами. А что касается вычищения зубов, то от еды. **"И воистину, нет ничего более тяжкого для двух ангелов, нежели лицезреть еду между зубами их товарища (собрата), (в то время как) он молится" (Ахмад).**

Забота религии об очищении рта и зуб до блеска и очищении пространства между ними не имеет себе подобных в советах о здоровье, как в прошлом, так и в нынешнее время.

Посланник Аллаха сказал: **"Чистите (зубы) сиуаком – ведь, воистину, сиуак – очищение рта и угода Господу. Сколько бы ни приходил ко мне Джибрииль, он всегда заповедал мне (использовать) сиуак так, что я стал бояться того, что он будет вменен в обязанность мне и моей умме, и если бы я не боялся обременить свою умму, я вменил бы его ей в обязанность; и, воистину, я чищу (зубы) сиуаком так, что боюсь перетереть передние зубы своего рта" (Ибн Маджа).**

В другом варианте говорится: "Мне было велено (использовать) сиуак так, что я подумал, что мне будет ниспослан о нем Коран или откровение".

Кто обращает внимание на болезни рта и десен, возникающие вследствие пренебрежения их очищением, тот поймет суть настойчивости Ислама касательно чистки зубов предметами, которые обеспечивают сохранение их блеска и здоровья, – таким образом, что это снимает образовавшийся налет и то, что скрывается между зубами.

Посланник Аллаха сказал: **"Мне был велен сиуак так, что я стал бояться того, что останусь беззубым" (Аль-Баззар).**

При всякой еде, которая имеет резкие запахи и плотные следы, например, мясо, рыба и пр., необходимо быть более всего предусмотрительным, не пренебрегая этим, – ведь очищение от них является необходимым условием для сохранения здоровья, а также сохранения своего достоинства и соблюдения общественной этики.

# Хамираҳои дандоншӯӣ

*Басират БОЗОРОВА,*
*табиб-стоматолог*

Маълумтарин усули беҳдошти гигиенаи ковокии даҳон истифодаи хамираи дандоншӯи мебошад. Гузаштаҳои мо дандонҳои худро бо ангишти манқал, шилм ё қатрон (смола), хокистар, пашм ва бо асал тоза мекардаанд. Се аср пеш дар Аврупо бо намак тоза кардани дандонҳоро шуруъ карда, дертар аз бӯр истифода мебурданд. Дар аввали асри 19 дар Аврупои ғарбӣ ва Руссия хокаҳои дандоншӯие, ки дар асоси бӯр тайёр шудааст, васеъ истифода мебурданд. Воқеан дар солҳои 70-80-асри 19 инсоният аз хамираҳои дандоншӯие, ки дар тюбикҳо ҷойгир карда шудабуданд истифодаро оғоз намуд. (якумин компания“Колгейт”).

**Таркиби хамираҳои дандоншӯӣ.**

Хамираҳои дандоншӯӣ одатан аз пуркардҳои абразивӣ (бӯри коркарди химиявӣ карда шуда, дикалтсии фосфат, пирофосфат калтсияи-метофосфати натрий ва ғ.); иборат мебошанд. Ҷузъи пайвасткунанда ё часпанда (глипероль, алгинатинатрий вағ.) ПАВ-моддаҳоифаъоли рӯякӣ ( равғани ализаришуда-,лаурилсулфати натрий, ки фаъолияти баландӣ кафкҳосилкунӣ дорад.), маводҳои антисептикӣ. Ба ғайр аз ин, ба хамираҳо иловаҳои табобатию профилактикӣ дохил кардан мумкин аст, ба монанди намакҳо, шираҳои растаниҳои шифобахш, микроэлементҳо, ферментҳо.

**Тақсим бандии хамираҳои дандоншӯӣ.**

**Хамираҳои дандоншӯӣ** ду хел мешаванд: **гигиенӣ ва табобатию профилактикӣ.**

**Хамираҳои дандоншӯии гигиенӣ** танҳо таъсири тозакунанда ва гуворокунанда доранд, иловаҳои махсуси табобатӣ ва профилактикӣ надоранд. Таркиби асосии ҳама хамираҳои гигиенӣ инҳо мебошанд: бӯри коркарди химиявӣ карда шуда (23-43%), глитсерин(10-33%), натриевая соль карбоксиметили намаки натрий (1-1,8%), собуни парфюмерӣ (1-1,5%) лаурилсулфати натрий, об ва консервантҳо.

**Хамираҳои дандоншӯии табобатию профилактикӣ** ба ғайр аз компонентҳои маълум иловаҳои фаъолӣ биологӣ (БАД) низ доранд: витаминҳо, шира(экстрактҳо), қиёми (настой)растаниҳои доругӣ , намакҳо, микроэлементҳо, ферментҳо. Ингуна хамираҳои дандоншӯӣ, ҳам барои нигоҳубини ҳаррӯзаи ковокии даҳон бо мақсадҳои пешгирӣ ва гигиенӣ таъин шудаанд, ҳам барои ба мақсади мувофиқе , чун пешгирии кариеси дандонҳо, бемориҳои пародонтӣ, осеббинии ғайрикариесӣ, бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон ва ғ.

Қайд кардан лозим аст, ки ҳама хамираҳои дандоншӯии табобатию профилактикӣ барои истифодаи васеъ дар табобати



комплексии бемориҳои пародонт ва пардаҳои луобии ковокиҳои даҳон тавсия дода мешавад.

Вобаста аз компонентҳое, ки дар таркиби онҳо мавҷуд аст, хамираҳои дандоншӯии табобатию профилактикӣ ба 5-гурӯҳ тақсим мешаванд:

1.Хамираҳои дар таркибашон маводҳои табобатии растанигӣ дошта, мубодилаи микроэлементҳоро хуб мекунанд, регенератсияи бофтаҳоро танзим менамоянд, ба камшавии хунравӣ аз милкҳо ёрӣ мерасонанд, хосияти хуби муҳофизатиро дороанд.

2. Хамираҳои дандоншӯии намакӣ- намакҳои гуногун ва компонентҳои минералӣ доранд, ки гардиши хунро хуб мекунанд, мубодилаи элементҳоро дар пародонт ва бофтаи луобии ковокии даҳон танзим мекунанд, ихтироҷи шиддатноки илтиҳобро аз милки газакгирифта таъмин мекунад, каме таъсири беҳисскунанда низ дорад. Намакҳо ба ҳалшавии луоб ёрӣ мерасонанд, монеи пайдоиши ғуборпардаи му-

лоими ковокии даҳон мешавад ва дар охир микроорганизмҳоро аз рӯи сирри дандонҳо ҷудомекунанд.

**3.** Хамираҳои дандоншӯии ферментдор таъсири баланди тозакуниро доранд, онҳо ғуборпардаи мулоими дандонро, боқимондаи хӯрокро, ғуборпардаи никотиниро ҳал мекунанд. Чунончи хамираҳои дандоншӯии ферментдор дар вақти табобати бемориҳои пародонт ва бемориҳои луобии ковокии даҳон тавсия дода мешавад.

**4.** Хамираҳои дандоншӯии иловаҳои фаъолӣ биологии гуногундошта(вит. В, бороглисерин) таъсири регенераторӣ ва зиддигазакӣ доранд, ки имконият медиҳад онҳоро дар вақти табобати бофтаҳои пародонт ва бофтаҳои луобии ковокии даҳон истифода барем.

**5.** Хамираҳои дандоншӯии зиддикариесӣ бофтаҳои минералии дандонҳоро мустаҳкам мекунанд ва пайдошавии ғуборпарда имулоимро пешгирӣ мекунанд. Ин бо роҳи ба таркиби хамираҳои дандоншӯи дохил кардани омезиши фтор, фосфор ва калсий ба даст меояд.

**Новобаста аз кадом намуди хамираҳои дандоншӯие, ки мо истифода мебарем, гигиенаи мунтазами ковокии даҳонро риоя кардан лозим аст. Ҳангоми шустани дандонҳо ғуборпардаи мулоим тоза мешавад, ҳамзамон масҳи милкҳо низ ба амал меояд, ки ин ҳолати луобпардаи милкҳоро хуб мекунад. Хамираи дандоншӯиро табиб- стоматолог баъд аз муоинаи бевоситаи ҳар як бемор вобаста ба ҳолати ковокии даҳон ва бофтаҳои атрофи дандон тавсия медиҳад.**



# Сафед кардани дандон бо меваҳо

Меваҳое монанди себ, сабзӣ ё зардҷома ва карафсу лаблабу ба далели доштани бофти пайваста ва шакле, ки дар ҳангоми газидан ва хоидани онҳо соядаи табиӣ зиёде дар тамос бо сатҳҳои дандон қарор мегирад, метавонад то ҳудуде боиси пок кардани дандон ва то ҳадди камтаре боиси ҷирмзудоӣ (микробҳои сахтшуда дар дандон) ва сафедии дандон шавад. Вале хотирассон мекунем, ки аз онҳо наметавон ба унвони як сафедкунандаи тамомайёр истифода кард. Сода (формулаи кимиёии CACO3) дар тамос бо об ва бузоқ(оби даҳон) H2CO3 эҷод мекунад, ин кислота бо ҷирмҳо ва чарбиҳои руйи дандон вокуниш анҷом дода, боиси ҷирмзудоӣ мегардад. Аз ин рӯ ин таркиб дар таркиби бисёре аз хамираҳои(пастаҳо) сафедкунандаи дандонҳо истифода мегардад.



## ГЕЛИ ДАРМОНГАРИ ОФАТИ ДАҲОН СОХТА ШУД!

Донишомухтаи эронии донишгоҳи Токиёи Япония дар риштаи дандонпизишкӣ ва узви ҳайъати илмии гуруҳи маводи дандонии донишкадаи дандонпизишкии Донишгоҳи улуми пизишкии Теҳрон муваффақ ба сохтани гели дармонгари офати даҳон шуд.

Ба гузориши пойгоҳи иттилорасонии шабакаи Хабари Садо ва Симо доктор Фарҳоди Шафеъӣ дар бораи ин гел чунин иттилоъ додааст:

«Ин гел нахустин бор дар дунё сохта ва марҳалаҳои сабти ихтирои он дар соли 2011 дар Иёлати муттаҳидаи Амрико оғоз ва дар Эрон дар соли 2012 сабти ном шудааст. Пас аз он иқдомот барои истеҳсол ва паҳн кардани он дар маркази рушди таҳқизот ва зисти маводи дандонпизишкии Донишгоҳи улуми пизишкии Теҳрон оғоз шуд»



Марҳилаҳои тавлиди анбуҳи ин гел дар соли 2013 оғоз ва аз феврали соли равон низ тавлиди он вориди навбати тиҷорисозӣ шуд ва бо ширкатҳои пахш қарордод баста шуда ва ба номи афтингел дар тамоми дорухонаҳои Эрон ба сурати анбуҳ пахш шудааст, то дар ихтиёри умуми мардум қарор гирад.

Вай хотирнишон кард аст, ки соли равон иҷозатномаи содироти афтингел ба кишварҳои ҳамсоя ,минҷумла Тоҷикистон, низ гирифта шудааст, то битавонем кумаки шоёне ба мардум дар нуқоти мухталифи Эрон ва хориҷ аз кишвар кардабошем.

Шафеъӣ дар идома барассии гели нав аз он ёдовар шудаст, ки ингел фақат дар 20 сония ва фақат бо якбор истифода, офатро дар ҳар марҳилае аз рушд ваё қабл аз он мутаваққиф месозад ва таъсироти беҳбудии онро метавон баръало мушоҳида кард!

Тавлиди анбуҳи маҳсули гели дармонгари офати даҳон мавсум ба афтингел ва тиҷорисозии он дар маркази рушди таҳқизот ва маводи дандонпизишкии Донишгоҳи улуми пизишкии Теҳрон нахустин бор дар Эрон анҷом мешавад.

**Таҳияи Зарангезбону**

# АЗ ТАЪРИХИ дандонпизишкӣ



Рӯзгори куҳан бемории даҳонӣ мушкили асосии одамон будааст. Ҷумҷумаи афроди Cro-Magnon, ки 25000 сол пеш дар замин сокин будаанд ,шавоҳидӣ аз пусидагии дандонро нишон медиҳад. То солҳои 1700 аксари бемориҳои дандон тавассути афроди ба ном оро-ишгар анҷоммешуд, ин афроди ҳамакора , корҳои кӯчакро анҷом медоданд , ба ъилова мӯ кӯтоҳ мекарданд ва мумиёӣ низ мекарданд.

6 марти 1840 аввалин Колеҷи дандонпизишкии дунё дар Иёлати Мэриленди Амрико таъсис гардид. Доктор Алфред Санвф дар Иёлати Амрико, аввалин фарде буд, ки ба накши муҳими беҳдошти даҳон ва дандон дар ҳирфаи дандонпизишкӣ якин пайдо карда ва тарбияти даҳон ва дандонро поягузорӣ намуд. Ӯ дар ноябри 1913 аввалин клиникаи даҳон ва дандонро дар хонаи худ ифтитоҳ намуд.

Ҷомеъаи парасторони дандонпизишкӣ дар авалҳои соли 1923 ташкил гардид ва дандонпизишкии чаҳордастӣ ба тадриҷ фарогир шуд.

Аввалин Клиникаи дандонпизишкии ройгон дар дунё дар соли 1902 тавассути Jessen аз Страсбурги Олмон ифтитоҳ гардид ва аввалин маҷаллаи тахассусӣ низ дар соли 1930 рӯи чоп омад.

Дар тайи қарни бистум, ҳашт тахассус дар дандонпизишкӣ такомул ёфт, ки имрӯзҳо ҳар яки он ихтисоси худро дорост.

## РЕКОМЕНДАЦИИ ПОТРЕБИТЕЛЯМ

- Для восстановления эмали зубов используйте пасты на основе гидроксиапатитов.
- Для профилактики возникновения кариеса между зубами, рекомендуется дополнительно использовать зубные нити
- Для предотвращения возникновения зубного камня используйте зубные пасты, содержащие пирофосфатные комплексы
- Ухаживать за полостью рта нужно начинать сразу же после рождения ребенка, несмотря на то, что в полости рта еще нет зубов.
- Пока не существует зубных паст или растворов для полоскания ротовой полости, которые позволяли бы лечить пародонтит, однако зубные пасты, содержащие растительные добавки, комплексы витаминов, триклозан оказывают выраженное противовоспалительное действие, устраняют неприятный запах изо рта, уменьшают кровоточивость десен, улучшают обмен веществ в слизистой оболочке полости рта.



- Жевательная резинка не является полноценной альтернативой чистке зубов с помощью зубной щетки
- К процедуре современного отбеливания зубов существует и ряд противопоказаний, о которых вас должен предупредить врач.
- Ни одна паста не может подходить всем, однако пасты компании «Blend-a-med» в проведенном эксперименте показали наивысшие защитные свойства в большинстве агрессивных сред.

# ТАБОБАТИ МИЛКИ ДАНДОН ва бемории дандонҳо

Бештари бемориҳои мураккаби ковокии даҳон, аз газаки милк оғоз меёбанд. Дар муддати чанд моҳ газак метавонад ба бемориҳои хатарноктаре табдил ёбад ва натанҳо зарар ба саломатӣ расонад,



балки сабаби табобати дарозмуддати гаронарзиш низ гардад.

Шумо ба беҳаловатӣ ва беҳузурии ноҳияи милк диққат намедиҳед ва фикр мекунед, ки ҳамааш худ ба худ мегузарад. Мутаасифона ин дард худ ба худ намегузарад – барои гузаштани он табобати дурусту фаврӣ ва инчунин тадбирҳои пешгирикунандаи мунтазам лозиманд.

Ҳоло бошад шумо метавонед дар



бораи он, ки чӣ чиз аломати бемории милк мебошад ва дар худ чӣ хатар дорад, огоҳ шавед. Ва албатта мутахасисони Пажӯҳишгоҳи ҷоғу рӯй дар бораи чӣ гуна аз ин бемориӣ наҷот ёфтан ва чигунагии табобати он ба шумо маълумот медиҳанд.

**Аломатҳои афзоиши бемории милк**

Бемории милк тадриҷан афзоиш меёбад – дар давраҳои аввал милкҳо метавонанд ҳатто дард накунанд, танҳо каме хунравӣ дошта бошанд. Инчунин имкони пайдошавии:

- бадбӯии даҳон, тарашшуҳоти зардобӣ ё ба он монанд;
- аз ҷой беҷошавӣ ё ҷунбонак шудани дандонҳо (протезҳо) ҳангоми дандонзанӣ (газидан) ё тозакунии онҳо мегарданд.

**БЕМОРИИ МИЛК ЧӢ ХАТАР ДОРАД?**

Бемории милк чандон ҳам беозор нест – ғайр аз беҳаловативу беҳузурӣ ва носозиву



маҳдудияти он метавонад хатарҳое ба дунбол дошта бошад. Монанди:

- афзоиши пародантит.
- оғози гингивит
- пайдоиши парадантоз

Ҳамаи ин бемориҳо метавонанд дардро ба вуҷуд оваранд ва сабаби аз даст додани дандон (ва ҳатто ҳамаи қатори дандонҳо, чун пародантит, гингвит ва пародантоз одатан ба дандонҳои ҳамсоя низ пешрафт мекунанд) ва бемориҳои сирояткунанда гарданд. Маҳз ба ҳамин хотир барои пешгирии ин бемориҳо ба табиб муроҷиат кардан ва сабаби пайдошавии бемориро дақиқ ва табобат намудан лозим аст.




ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМИЮ КЛИНИКИИ СТОМАТОЛОГИЯ ВА ҶАРРОҲИИ ҶОҒУ РӮЙИ ВАЗОРАТИИ ТАНДУРУСТИӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

* МУОЛИҶАИ БЕМОРИҲОИ ДАНДОН ВА ИЛТИҲОБИ МИЛК (ПАРОДОНТИТ) ВА ПАРДАИ ЛУОБИИ ДАҲОН
* АМАЛИЁТИ КАНДАНИ ДАНДОН ВА НИГОҲ ДОШТАНИ ОН, БО БЕҲИСКУНИИ МАҲАЛЛӢ ВА УМУМӢ
* СОХТАН ВА БАРҚАРОР КАРДАНИ ҲАМА ДАНДОНҲОИ СУНЪӢ
* АМАЛИЁТИ ТАРМИМИ НУҚСОНИ МОДАРЗОДУ ПАЙДОШУДАИ ҶОҒУ РӮЙ
* АМАЛИЁТИ ҶАРРОҲӢ ОИДИ ОСЕБ, ДЕФОРМАТСИЯҲО ВА ОМОСҲОИ ХУШСИФАТИ ҶОҒҲО
* АМАЛИЁТИ ҶАРРОҲИИ ЭСТЕТИКӢ (ОТОПЛАСТИКА, РИНОПЛАСТИКА, БАРТАРАФКУНИИ ОҶИНГҲОИ РӮЙ)
* МУОЛИҶАИ ДАНДОНҲОИ КӮДАКОН ВА АНОМАЛИЯҲОИ ГАЗИШИ ОНҲО
* МУОЛИҶАИ АДЕНТИЯ (ТАЛАФИ ДАНДОНҲО) БО ИСТИФОДАИ ИМПЛАТАНТҲО
* РАСОНИДАНИ ЁРИИ СТОМАТОЛОГИИ ШАБОНАРӮЗӢ

СУРОҒА: ГУЗАРГОҲИ 5-УМИ КӮЧАИ К.ХУҶАНДӢ-13.
ТЕЛЕФОН: (99237) 231 27 37, 231 25 47, МОБ: 992 93 596 76 97


